*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №132-133 (4872-4873) | ПАНҶШАНБЕ, 7 НОЯБРИ СОЛИ 2024 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад





## КОНСТИТУТСИЯ САРНАВИШТ ВА РОҲИ МИНБАЪДАИ ДАВЛАТДОРИИ НАВИНИ МОРО МУАЙЯН КАРД

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маҷлиси тантанавӣ ба ифтихори 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**6 ноябри соли 2024, шаҳри Душанбе**

**Ҳамватанони азиз!**
**Ҳозирини гиромӣ!**

Дар таърихи давлату миллатҳои ҷаҳон рӯйдодҳое ба вуқӯъ мепайванданд, ки сарнавишт ва роҳи минбаъдаи онҳоро муайян мекунанд. Чунин рӯйдоди муҳим дар таърихи давлатдории навини тоҷикон қабули нахустин Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол мебошад, ки мо имрӯз 30-юмин солгарди онро таҷлил менамоем.

Бо камоли ифтихору сарфарозӣ тамоми халқи Тоҷикистон, ҳамватанони бурунмарзӣ ва ҳамаи шумо - ҳозирини арҷмандро ба муносибати ин санаи воқеан тақдирсозу таърихӣ самимона табрику шодбош мегӯям.

Конститутсияи Тоҷикистони соҳибихтиёр ҳамчун санади ифодагари истиқлолу озодии халқи мо дар таъсиси давлатдории навини тоҷикон ва пойдориву бардавомии он нақши ҳалкунанда дорад.

Ин санади таърихӣ ва сарнавиштсоз барои гузоштани асосҳои аркони давлатдории навини тоҷикон, ноил гардидан ба сулҳу субот, ваҳдати миллӣ, дастовардҳои бузурги сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ, рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ташаккули озодонаи шахс заминаи мустаҳкам ва боэътимоди ҳуқуқӣ фароҳам овард.

Сӣ соли амали Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон собит сохт, ки қонуни асосии давлати мо аз имтиҳони бисёр ҷиддии ҳаёт гузашт ва дурустии мақсаду вазифаҳо ва арзишҳое, ки Конститутсия ба онҳо асос ёфтааст, исбот гардид.

Тавре ки ман дар яке аз суханрониҳои худ зикр карда будам, Конститутсия заминаҳои ҳуқуқии истиқлол ва асосҳои давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоии моро таҳким бахшид.

Конститутсия сарчашмаи ташаккули низоми қонунгузории давлати муосири мо гардид ва иштироки озодонаву васеи шаҳрвандонро дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоии кишвар ва идораи давлат таъмин намуд.

**Ҳозирини арҷманд!**

Дар зарфи 30 соли амали Конститутсия кишвари мо роҳи ниҳоят душворро тай намуд ва мардуми тоҷик барои расидан ба ин рӯзҳои босаодат ва дастоварду муваффақиятҳо масири бағоят сахту сангинро сипарӣ карданд.

Соҳибихтиёр гардидани Тоҷикистон зарурати дар сатҳи Конститутсия ба расмият даровардани давлатдории миллӣ, муайян намудани шаклу сохтори он, арзишҳои бунёдии ҷомеа, аз ҷумла мақоми шахс ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ, инчунин, асосҳои конститутсионии сиёсати хориҷии давлат ва арзишу принсипҳои ҷомеаи демократиро ба миён гузошт. Маҳз истиқлоли давлатӣ ҳамчун арзишмандтарину муқаддастарин неъмати зиндагии халқи Тоҷикистон ба қабули Конститутсияи соли 1994 замина гузошт.

Мардуми Тоҷикистон хуб дар ёд доранд, ки дар оғози солҳои 90-уми асри гузашта, яъне дар ибтидои соҳибистиқлолӣ, Конститутсияи амалкунанда ва қонунҳо поймол шуда, фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ фалаҷ ва дар кишвар беҳокимиятиву бенизомӣ ҳукмфармо гардида буд.

Дар муддати як сол таҳти фишори гурӯҳу доираҳои манфиатхоҳ ду Президент ва панҷ Ҳукумат ба истеъфо рафт ва ин раванд боиси сар задани ҷанги шаҳрвандӣ гардид.

Дар он марҳалаи тақдирсоз барои ба эътидол овардани вазъият, таъмин намудани суботи ҷомеа ва расидан ба ризоияту ваҳдати миллӣ зарур буд, ки сохти конститутсиониро барқарор сохта, қонунияту тартиботро таъмин карда, ба ҷанги шаҳрвандӣ хотима бахшида шавад.

Амалисозии ин вазифаи душвору мураккаб танҳо баъди Иҷлосияи таърихии шонздаҳуми Шурои Олӣ оғоз гардид.

Дар масъалаи муайян намудани сохти давлатдории Тоҷикистон ман мақсади худро ҷиҳати барпо кардани давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ дар он иҷлосияи таърихӣ бо қатъият эълон кардам, зеро ин мақсаду мароми мардуми Тоҷикистон буд ва солҳои сипаришуда дурустии роҳи интихобкардаи моро собит намуданд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Дар он давраи мудҳиш таҳия кардани лоиҳаи Конститутсия кори осон набуд, вале масъалаи таҳияи қонуни асосии давлат ва ташаккули асосҳои конститутсионии давлатдории навин аз ҷумлаи зарурatҳои муҳимтарини рӯз ба ҳисоб мерафт. Яъне, дар баробари барқарор кардани сохти конститутсионӣ ва ҳалли вазифаҳои тақдирсоз, аз қабили қатъи ҷангу хунрезӣ, таъмини сулҳу субот, қонунияту тартибот ва сарҷамъ намудани мардуми кишвар ҳар чӣ зудтар таҳия ва қабул кардани Конститутсия яке аз масъалаҳои муҳимтарини ҷомеа буд.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

## ПАЁМИ ТАБРИКИИ

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба муносибати 30-солагии Рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**5 ноябри соли 2024, шаҳри Душанбе**

**Ҳамватанони азиз,**
**Сокинони сарбаланди пойтахт!**

Ҳамаи шуморо ба ифтихори 30-юмин солгарди Рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон самимона табрик мегӯям.



Зери сиёсати созандаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 6 ноябри соли 1994 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити бисёр печидаву мураккаби сиёсии кишвар тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул гардид, ки барои ташкили аркони давлати соҳибихтиёри миллӣ, низоми мақомоти давлатии муосир, шакли нави идоракунии давлатӣ, таъмини кафолати амалишавии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, оғози раванди созандагиву бунёдкориҳо ва расидан ба сатҳи зиндагии шоистаи мардум заминаҳои мусоиди ҳуқуқӣ ба миён овард.

Дар натиҷаи амалӣ намудани меъёрҳои Конститутсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пояҳои устувори ҷомеа ва давлат барқарор карда шуда, сулҳу оромӣ ва суботи сиёсӣ таҳким бахшида шуд, рушди устувори иқтисодии кишвар таъмин гардида, барои ҳар як шаҳрванди мамлакат шароитҳои зиндагии арзанда фароҳам оварда шуданд.

Имрӯз низ амалисозии бомароми меъёрҳои конститутсионӣ, таъмини волоияти қонун ва таҳкими маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон дар меҳвари таваҷҷуҳи Ҳукумати мамлакат ва сиёсати ҳуқуқии кишвар қарор дорад. Аз ин рӯ, ҳамаи моро зарур аст, ки бо садоқат ба ғояҳои конститутсионии давлати худ, ҷиҳати иҷрои босифату самараноки уҳдадориҳои вазифавӣ ва масъулияти шаҳрвандӣ тамоми кӯшишу ғайрат, маҳорату таҷриба ва дониши хешро барои таҳкими пайвастаи қонунгузории миллӣ, танзими судманди муносибатҳои ҷамъиятӣ ва таъмини рушди устувору босуботи кишварамон равона намоем.

Бори дигар, ба кулли сокинони кишвар ва пойтахти азизамон ҷашни муқаддасу миллӣ ва санаи фархундаи таърихӣ - 30-юмин солгарди Рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро шодбош гуфта, ба Тоҷикистони азизамон пешрафту шукуфоиро таманно дорам!

**30-солагии Рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муборак, ҳамватанони азиз!**

## ҶАЛАСАИ ШУРОИ МАҶЛИСИ МИЛЛӢ

**Панҷуми ноябри соли 2024 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ҷаласаи Шурои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**



Ба рӯзномаи ҷаласа масъалаҳои зерин дохил карда шуданд: «Лоиҳаи Қарори Шурои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Лоиҳаи Қарори Шурои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Лоиҳаи Қарори Шурои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Лоиҳаи Қарори Шурои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Лоиҳаи Қарори Шурои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Лоиҳаи Қарори Шурои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Лоиҳаи Қарори Шурои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Лоиҳаи Қарори Шурои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Лоиҳаи Қарори Шурои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид», «Лоиҳаи Қарори Шурои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид», «Лоиҳаи Қарори Шурои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид», «Лоиҳаи Қарори Шурои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ғалла ва маҳсулоти коркарди он»,

**(Давомаш дар саҳ. 4)**

**Иҷлосияи нуздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум**

## НОМИ ЯКЧАНД МАҲАЛИ АҲОЛИНИШИН ДАР ВМКБ ВА ХАТЛОН ИВАЗ ШУД

**Панҷуми ноябри соли 2024 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ Иҷлосияи нуздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум баргузор гардид.**

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Барои бақайдгирӣ тариқи системаи овоздиҳии электронӣ аз қайд гузаред. Марҳамат.

Дар иҷлосия 30 нафар аъзои Маҷлиси миллӣ иштирок доранд. Инчунин, ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ - Намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, раисони Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, раиси Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ, раиси Палатаи ҳисоб, директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси Бонки миллии Тоҷикистон ва намояндагони воситаҳои ахбори омма дар толор ҳозир мебошанд.

Оид ба оғози кори иҷлосия чӣ гуна таклиф ҳаст?

Таклиф шуд, ки иҷлосия корашро оғоз намояд.

Таклифро ба овоз мемонам ва аз аъзои Маҷлиси миллӣ хоҳиш менамоям, ки мавқеатонро тариқи овоздиҳии электронӣ муайян созед. Марҳамат.

Ташаккур, *таклиф қабул шуд.*

Иҷлосияи нуздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашумро кушода эълон менамоям.

*(Суруди Миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон садо медиҳад)*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Моро лозим аст, ки тартиби кори Иҷлосияи нуздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашумро муайян ва тасдиқ намоем.

Бо назардошти масъалаҳои дар рӯзнома пешбинишуда пешниҳод менамоям, ки барои маърӯзаҳо то 5 дақиқа, барои музокираҳо то 3 дақиқа ва барои дархосту таклифҳо то 2 дақиқа вақт муайян карда шавад.

Пешниҳоди дигар ҳаст? Нест.

Пешниҳодро ба овоз мемонам. Марҳамат.

Ташаккур, пешниҳод қабул гардид.

**Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Мутобиқи банди 102-юми Дастури Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лозим аст, ки котиботи иҷлосияро интихоб намоем. Оид ба ин масъала сухан ба узви Маҷлиси миллӣ Муъминзода Фирӯза дода мешавад. Марҳамат.

*(Муъминзода Фирӯза пешниҳод менамояд, ки ҳайати котибот иборат аз 3 нафар интихоб карда шавад).*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Таклиф шуд, ки котиботи Иҷлосияи нуздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум иборат аз се нафар интихоб карда шавад.

Таклифҳои дигар ҳаст? Нест.

Шумораи ҳайати котиботро ба овоз мемонам ва аз аъзои Маҷлиси миллӣ хоҳиш менамоям, ки мавқеатонро муайян созед. Марҳамат.

Ташаккур, *таклиф қабул гардид.*

Марҳамат, Муъминзода Фирӯза ҳайати котиботро пешниҳод намоед.

**Фирӯза МУЪМИНЗОДА:** - Ба ҳайати котиботи Иҷлосияи нуздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум аъзои зерини Маҷлиси миллӣ пешниҳод карда шуданд:

Умарализода Мақсудалӣ – раиси котибот;

Амонзода Илҳом ва Раҷабзода Ҳусния - аъзои котибот.

**РАИС: -** Оид ба ҳайати котибот таклифҳои дигар ҳаст? Нест.

Лоиҳаи қарорро ба овоз мемонам ва аз аъзои Маҷлиси миллӣ хоҳиш менамоям, ки мавқеатонро муайян намоед. Марҳамат.

Ташаккур, қарор қабул гардид.

Аз ҳайати котибот хоҳиш карда мешавад, ки ба ҷойҳои худ гузашта, ба кор шурӯъ намоянд.

**Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Лоиҳаи рӯзномаи Иҷлосияи нуздаҳуми Маҷлиси милли Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум дар ҷаласаи Шурои Маҷлиси миллӣ муайян ва барои баррасӣ ба шумо пешниҳод шудааст.

Оид ба масъалаҳои он таклифҳои дигар ҳаст? Нест.

Лоиҳаи қарорро ба овоз мемонам ва хоҳиш менамоям, ки мавқеатонро муайян намоед.

*Қарор дар бораи рӯзномаи Иҷлосияи нуздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум қабул шуда, ба он масъалаҳои зерин ворид гардиданд:*

**(Давомаш дар саҳ. 4)**

# ИШТИРОКИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ҶАМЪОМАДИ ТАНТАНАВӢ БА ИФТИХОРИ 30-СОЛАГИИ ҚАБУЛИ КОНСТИТУТСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**6-уми ноябри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷамъомади тантанавӣ ба ифтихори 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок ва суханронӣ намуданд.**

Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иштирокдорони чорабинӣ, шаҳрвандони кишвар ва ҳамватанони бурунмарзиро ба муносибати ин санаи воқеан тақдирсозу таърихӣ самимона табрику шодбош гуфтанд.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ оид ба нақши муҳими Конститутсия дар барпо кардани давлатдории навини тоҷикон ва расидан ба ваҳдати миллӣ андешаронӣ намуданд.

Таъкид гардид, ки Конститутсияи Тоҷикистони соҳибихтиёр ҳамчун санади ифодагари истиқлолу озодии халқи мо дар таъсиси давлатдории навини тоҷикон ва пойдориву бардавомии он нақши ҳалкунанда дорад.

Гуфта шуд, ки ин санади таърихӣ ва сарнавиштсоз барои гузоштани асосҳои аркони давлатдории навини тоҷикон, ноил гардидан ба сулҳу субот, ваҳдати миллӣ, дастовардҳои бузурги сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ, рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ташаккули озодонаи шахс заминаи мустаҳкам ва боэътимоди ҳуқуқӣ фароҳам овард.

«30 соли амали Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон собит сохт, ки қонуни асосии давлати мо аз имтиҳони бисёр ҷиддии ҳаёт гузашт ва дурустии мақсаду вазифаҳо ва арзишҳое, ки ба онҳо асос ёфтааст, исбот гардид», - иброз доштанд Сарвари давлат.

Ба андешаи Президенти кишвар дар зарфи 30 соли амали Конститутсия кишвари мо роҳи ниҳоят душворро тай намуд ва мардуми тоҷик барои расидан ба ин рӯзҳои босаодат ва дастоварду муваффақиятҳо масири бағоят сахту сангинро сипарӣ карданд.

Таъкид шуд, ки маҳз, Истиқлоли давлатӣ ҳамчун арзишмандтарину муқаддастарин неъмати зиндагии мардуми Тоҷикистон ба қабули Конститутсияи соли 1994 замина гузошт.

Роҳбари давлат аз вазъи мураккаби солҳои аввали ба даст овардани истиқлолият ёдовар шуда, изҳор доштанд, ки дар он марҳалаи тақдирсоз барои ба эътидол овардани вазъият, таъмин намудани суботи ҷомеа ва расидан ба ризоияту ваҳдати миллӣ зарур буд, ки сохти конститутсионӣ барқарор карда шавад, қонунияту тартибот таъмин гардад ва ба ҷанги шаҳрвандӣ хотима бахшида шавад.

Тавре зикр гардид, амалисозии ин вазифаи душвору мураккаб танҳо баъди Иҷлосияи таърихии шонздаҳуми Шурои Олӣ оғоз гардид. Президенти кишвар таъкид намуданд, ки минбаъд дар Иҷлосияи XVII Шурои Олӣ масъалаи таҳияи Конститутсия баррасӣ гардид ва бо роҳбарии Сарвари давлат Комиссияи конститутсионӣ таъсис дода шуд.

Зикр гардид, ки ҳангоми таҳияи лоиҳаи Конститутсия санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ низ мавриди таҳлилу омӯзиш қарор дода шуд ва меъёрҳои онҳо дар қонуни асосии мо дарҷ гардид.

Ҳамин тавр, 6 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ 94,4 фоизи шаҳрвандон иштирок намуда, 87,6 фоизи онҳо ба тарафдории қабули Конститутсия овоз доданд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол дар миқёси Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил яке аз аввалин қонунҳои асосие мебошад, ки бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабул гардидааст.

Гуфта шуд, ки Конститутсияи Тоҷикистон анъанаҳои давлату давлатдории тоҷиконро инъикос карда, ҳамчунин, кӯшишу талошҳои фарзандони огоҳи миллати тоҷикро дар роҳи расидан ба истиқлолу озодӣ ва давлатдории миллӣ амалӣ гардонид.



Ба андешаи Сарвари давлат, маҳз хусусиятҳои хос ва арзишҳои нодири Конститутсия боис гардид, ки он аз ҷониби коршиносони байналмилалӣ аз ҷумлаи панҷ конститутсияи беҳтарини давлатҳои аъзои Созмони амният ва ҳамкории Аврупо эътироф шавад.

Президенти кишвар таъкид доштанд, ки қабули Конститутсия на танҳо сохти давлатдориро муайяну пойдор сохт, балки он роҳро барои оғози ислоҳоти сиёсиву иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ ҳамвор намуд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳор намуданд, ки амалӣ гардидани ҳуқуқу озодӣ, инчунин, вазифаҳои инсон ва шаҳрванд ба сатҳи маърифати ҳуқуқии мардум вобастагӣ дорад. Бинобар ин, Роҳбари давлат зикр намуданд, ки «мо соли 2024-ро ба муносибати 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намудем, зеро ҷавҳари маърифати ҳуқуқиро риояи меъёрҳои Конститутсия ҳамчун қонуни асосӣ ташкил медиҳад».

Ҳадаф аз иқдоми мазкурро Сарвари давлат баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, тарғиби арзишҳои демократӣ ва таҳкими ҳуқуқу озодиҳои инсон арзёбӣ намуданд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зарур шумориданд, ки корҳои фаҳмондадиҳиву маърифатӣ, шарҳу тафсири илмиву оммавии меъёрҳои Конститутсия ва қонунҳо бо иштироки олимон, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, дигар мутахассисон ва дар ин замина ташкилу баргузор намудани барномаҳои махсус тавассути воситаҳои ахбори омма васеъ ба роҳ монда шавад.

Президенти кишвар Конститутсияро санади олӣ, сарчашмаи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ номида, иброз доштанд, ки бо қабули он асоси низоми нави қонунгузории кишвар гузошта шуд ва дар заминаи ин ҳуҷҷати олии ҳуқуқӣ қонунгузории нави давлати Тоҷикистон ташаккул ёфт.

Дар фароварди сухан Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки бо гузашти сӣ сол аз қабули ин санади тақдирсоз мо бо сарбаландӣ ва ифтихор гуфта метавонем, ки роҳи интихобкардаи мардуми Тоҷикистон, яъне барпо кардани давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ ҷавобгӯи мақсаду маром ва ормону ҳадафҳои мардуми шарафманди мо мебошад.

Изҳори умед карда шуд, ки Конститутсия ҳамчун санади роҳнамою сарнавиштсози таърихӣ барои рушди минбаъдаи Тоҷикистони соҳибистиқлол садсолаҳо хизмат хоҳад кард.

Баъди суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷамъомади тантанавӣ ба муносибати 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо барномаи рангини консертии устодони санъат ва ҳунармандони кишвар идома ёфт.

**www.prezident.tj**

---

# КОНСТИТУТСИЯ САРНАВИШТ ВА РОҲИ МИНБАЪДАИ ДАВЛАТДОРИИ НАВИНИ МОРО МУАЙЯН КАРД

## Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маҷлиси тантанавӣ ба ифтихори 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

**6 ноябри соли 2024, шаҳри Душанбе**

**(Идома аз саҳ. 1)**

Дар Иҷлосияи XVII Шурои Олӣ масъалаи таҳияи Конститутсия баррасӣ гардид ва бо роҳбарии Сарвари давлат Комиссияи конститутсионӣ таъсис дода шуд. Дар робита ба ин, қобили таъкид аст, ки бо вуҷуди вазъияти мураккабу ноороми кишвар ва фишори гурӯҳҳои қудратталаб аъзои Комиссияи конститутсионӣ ва умуман, мардуми шарафманди тоҷик дар таҳия ва қабули ин санади сарнавиштсоз иродаи устувор нишон дода, дар қонуни асосии давлат мақсаду мароми худро ифода карданд.

Дар раванди таҳияи лоиҳаи Конститутсия ҳайати Комиссияи конститутсионӣ ба якчанд давлати пешрафтаи ҷаҳон бо мақсади омӯхтан ва истифодаи таҷрибаи онҳо фиристода шуд.

Ҳангоми таҳияи лоиҳаи Конститутсия санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ низ мавриди таҳлилу омӯзиш қарор дода шуданд ва меъёрҳои онҳо дар қонуни асосии мо дарҷ гардиданд.

Дар ҷараёни таҳия ва муҳокимаи лоиҳаи Конститутсия, ки қариб ду сол идома пайдо кард, мардуми Тоҷикистон фаъолона иштирок карда, зиёда аз 8,5 ҳазор пешниҳоду дархости худро ба комиссия манзур намуданд. Тамоми пешниҳодҳои воридшуда аз ҷониби Комиссияи конститутсионӣ таҳлилу баррасӣ гардида, дар раванди таҳияи матни ниҳоии Конститутсия ба эътибор гирифта шуданд.

Бояд гуфт, ки фаъолияти Комиссияи конститутсионӣ якмаром набуд. Дар баъзе масъалаҳо байни аъзои комиссия баҳсҳои доманадор ба вуҷуд меомаданд, зеро он вақт таъсири мафкураву арзишҳои даврони гузашта ҳанӯз хеле қавӣ буд.

Таҳти таъсири чунин мафкура арзишҳои нави ҷомеа, аз ҷумла гуногунандешии сиёсӣ ва мафкуравӣ, бисёрҳизбӣ, баробарҳуқуқӣ ва шаклҳои гуногуни моликият, аз ҷумла моликияти хусусӣ, иқтисоди бозоргонӣ, соҳибкорӣ ва монанди инҳо, бо душворӣ қабул мешуданд.

Ин баҳсу мунозираҳо сабаби пайдо шудани ду мавқеъ доир ба интихоби шакли идоракунии давлатӣ дар Конститутсия – яке ҷумҳурии президентӣ ва дигаре ҷумҳурии парламентӣ гардиданд.

Доир ба ин масъала ман иброз намудам, ки муқобил гузоштани ин ду шакли идоракунии давлат дуруст нест, зеро дар кишварҳои мухталифи ҷаҳон ҳар ду навъи ҷумҳурӣ қабул шудаанд ва бо дарназардошти хусусиятҳои таърихиву фарҳангӣ, сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву анъанавии онҳо амал мекунанд.

Барои мо дар он давра ҳифзи якпорчагии Тоҷикистон, таъмин намудани амнияти мардум, сулҳу субот ва оромии ҷомеа масъалаи аз ҳама муҳим ба шумор мерафт. Ҳамчунин, бо дарназардошти хусусиятҳои хоси ҳаёти иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангиву мафкуравии мардуми тоҷик ва барои баромадан аз ин вазъи даҳшатноки буҳронӣ таъсиси ҳокимияти неруманди мутамарказ, ягона ва муназзам зарур буд.

Бинобар ин, аъзои Комиссияи конститутсионӣ ба хулоса омаданд, ки барои шароити Тоҷикистон ҷумҳурии президентӣ шакли мувофиқ ва боэътимод мебошад ва аксари кулли шахсоне, ки дар муҳокимаи лоиҳа иштирок доштанд, ҷумҳурии президентиро ҳамчун шакли идоракунии давлати Тоҷикистон тарафдорӣ карданд. Дар натиҷа, ҷумҳурии президентӣ ҳамчун шакли идоракунии давлат дар лоиҳаи Конститутсия пешниҳод гардид.

Рушди минбаъдаи Тоҷикистони азизамон бори дигар исбот намуд, ки мо дар интихоби шакли идоракунии давлатамон хато накардем.

Аъзои комиссия доир ба масъалаи тарзи қабули Конститутсия низ андешаҳои мухталиф доштанд. Баъзеҳо аз ҷониби парламент қабул кардани Конститутсияро беҳтар медонистанд ва гурӯҳи дигар ҷонибдори қабули он тавассути раъйпурсии умумихалқӣ буданд.

Вазъи сиёсии кишвар дар он давра моро водор намуд, ки лоиҳаи Конститутсия аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шавад, зеро ин тарзи қабул далели қатъии ба халқ тааллуқ доштани ҳокимияти давлатӣ буда, устувории Конститутсия ва амали бевоситаи меъёрҳои онро таъмин намуда, қувваҳои гуногуни сиёсиро аз имконияти ҳар лаҳза ворид намудани тағйиру иловаҳо ба он маҳрум месохт.

Тавре борҳо хотиррасон карда будам, вакилони Шурои Олӣ ба Конститутсияи ҳамонвақта ҳатто дар як рӯз якчанд маротиба тағйирот ворид мекарданд, ки онҳо баъзан хилофи ҳамдигар буданд. Парламенти онрӯза ба бозичаи дасти гурӯҳу неруҳои манфиатҷӯй ва қудратталаб табдил ёфта буд.

Дар чунин шароит ба назар гирифтани майлу иродаи мардум, ки аз тариқи раъйпурсӣ изҳор мешавад, барои тамоми неруҳои сиёсӣ ва ҳар як фарди ҷомеа қатъӣ ва ҳатмӣ мегардад.

Шашуми ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ 94,4 фоизи шаҳрвандон иштирок намуда, 87,6 фоизи онҳо ба тарафдории қабули Конститутсия овоз доданд.

Ошкоро ва ҳаматарафа баррасӣ гардидани лоиҳаи Конститутсия, ба муҳокимаи мардум пешниҳод шудани он ва ниҳоят, аз тариқи овоздиҳии умумихалқӣ қабул гардидани Конститутсия далели қатъии дар асоси меъёрҳои демократии аз ҷониби умум эътирофшуда қабул гардидани ин санади тақдирсоз мебошад. Ҳамчунин, хотиррасон менамоям, ки Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол дар миқёси Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил яке аз аввалин қонунҳои асосие мебошад, ки бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабул гардидааст.

**Ҳамватанони гиромӣ!**

Конститутсияи Тоҷикистон анъанаҳои давлату давлатдории тоҷиконро инъикос карда, ҳамчунин, кӯшишу талошҳои фарзандони огоҳи миллати тоҷикро дар роҳи расидан ба истиқлолу озодӣ ва давлатдории миллӣ амалӣ гардонид.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои хусусиятҳое мебошад, ки онҳо барои таҳкими давлатдории муосири мо заминаи устувор гузоштанд.

Аввалан, ғояҳои башардӯстонаи Конститутсия инъикоскунандаи суннатҳои пурғановати халқи тоҷик буда, аз фарҳанги ниёгони ориёии мо, анъанаҳои давлатдории халқамон ва мероси бузургони таъриху фарҳанги миллатамон сарчашма мегиранд.

Дуюм, ин санади олии ҳуқуқӣ Тоҷикистонро давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, иҷтимоӣ ва ягона эълон намуд.

Конститутсия дар назди ҷомеа вазифаҳои муҳимтаринеро гузошт, ки ташкили ҳокимияти давлатии муосир, низоми мукаммали ҳуқуқӣ ва идоракунии давлатӣ, таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

Сеюм, бори нахуст дар сатҳи Конститутсия муқаррар гардидани тағйирнопазир будани шакли идораи ҷумҳурӣ, моҳияти демократӣ, ҳуқуқбунёдӣ, дунявӣ ва иҷтимоии давлат воситаи муҳимтарини ҳимояи конститутсионии сохти давлатдории муосири Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Чорум, Конститутсияи Тоҷикистон дар асоси арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯро ҳамчун арзиши олӣ эътироф намуда, риоя ва ҳифзи ҳуқуқҳои инсонро аз ҷониби давлат кафолат додааст, ки ин баёнгари воқеан ба ҷомеаи мутамаддини муосир пайвастани Тоҷикистон мебошад.

Панҷум, таъмин намудани рушди устувори ҷомеа ва амалӣ гардидани ҳуқуқҳои сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоии шаҳрвандон, ки дар Конститутсия пешбинӣ гардидааст, имкон медиҳад, ки сатҳу сифати зиндагии мардум мунтазам баланд бардошта шавад.

Шашум, дар Конститутсия мустақилияти ҳокимияти судӣ эътироф гардидааст, яъне танҳо суди мустақил ва беғараз метавонад бо роҳи амалӣ кардани адолати судӣ манфиатҳои давлат ва ҷомеа, ҳуқуқ ва арзишҳои шахс ва шаҳрвандро таъмин намояд.

Ҳафтум, волоияти Конститутсия нисбат ба тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ. Яъне, Конститутсия санади олии ҳуқуқӣ мебошад ва ягон санади дигари ҳуқуқӣ наметавонад Конститутсияро тағйир диҳад ё бар хилофи меъёрҳои он қабул карда шавад.

Ҳаштум, дар асоси принсипу меъёрҳои конститутсионӣ оид ба фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳамаи шаклҳои моликият иқтисодиёти Тоҷикистони соҳибистиқлол ташаккул ва рушд ёфт.

Нуҳум, дар заминаи Конститутсия волоияти қонун, ки муносибати давлатро бо ҷомеа дар асоси эътирофи манфиатҳо таъмин менамояд, устувор гардид ва пойдории адолати иҷтимоӣ таъмин карда шуд.

Даҳум, бори нахуст ин ҳуҷҷати олии сиёсиву ҳуқуқӣ барои ба амал баровардани ҳокимияти давлатӣ дар асоси таҷзияи он ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ мусоидат намуд.

Ёздаҳум, дар Конститутсия фаъолияти озоди иқтисодӣ, гуногунии сиёсиву мафкуравӣ, бисёрҳизбӣ, озодии эътиқод, сухан, матбуот, гуногуншаклии моликият ва дигар арзишҳо, ки далели равшани мавҷуд будани низоми демократӣ дар мамлакат мебошанд, ифода ёфтаанд.

Ин ва дигар арзишҳои Конститутсия боиси аз ҷониби коршиносони байналмилалӣ аз ҷумлаи панҷ конститутсияи беҳтарини давлатҳои узви Созмони амният ва ҳамкории Аврупо эътироф шудани Конститутсияи Тоҷикистон гардидааст.

Дар робита ба ин, боз як нуктаи муҳимро таъкид бояд кард, ки қабули Конститутсия роҳро барои оғози ислоҳоти сиёсиву иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ ҳамвор сохт.

Дар натиҷаи татбиқи самараноки меъёрҳои конститутсионии зикршуда Тоҷикистон аз соли 2000 ба марҳалаи рушди устувор ворид гардида, солҳои охир афзоиши ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба ҳисоби миёна беш аз 8 фоиз таъмин шуда истодааст. Чунин сатҳи афзоиш дар арсаи байналмилалӣ нишондиҳандаи баланди суръати рушди иқтисодиёт ба ҳисоб меравад.

Дар баробари кафолати ҳуқуқу озодиҳо дар Конститутсия вазифа ва уҳдадориҳои шаҳрвандони Тоҷикистон низ муқаррар карда шудаанд.

Аз ҷумла, мутобиқи моддаи 10-уми Конститутсия давлат ва ҳамаи мақомоти он, шахсони мансабдор, шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо вазифадоранд Конститутсия ва қонунҳои кишварро риоя ва иҷро намоянд. Ҳамчунин, мутобиқи муқаррароти моддаи 42-юми Конститутсия ҳар шахс вазифадор аст ҳуқуқ, озодӣ ва шаъну шарафи дигаронро эҳтиром намояд. Ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиатҳои давлат, таҳкими истиқлол, амният ва иқтидори мудофиавии он вазифаи муқаддаси ҳар як шаҳрванд аст.

Қобили зикри хос аст, ки дар Конститутсия, ҳамчунин, масъулияти фарзандони болиғу қобили меҳнат барои нигоҳубин ва таъминоти иҷтимоии падару модар дар моддаи алоҳида зикр гардидааст.

Бояд гуфт, ки амалӣ гардидани ҳуқуқу озодӣ, инчунин, вазифаҳои инсон ва шаҳрванд аз сатҳи маърифати ҳуқуқии мардум вобастагӣ дорад.

Мо соли 2024-ро ба муносибати 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намудем, зеро ҷавҳари маърифати ҳуқуқиро риояи меъёрҳои Конститутсия ҳамчун қонуни асосӣ ташкил медиҳад. Маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, дар навбати худ, барои бунёди ҷомеаи пешрафта ва адолатпарвар нақши калидӣ дорад.

Ҳадаф аз иқдоми мазкур баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, тарғиби арзишҳои демократӣ ва таҳкими ҳуқуқу озодиҳои инсон мебошад. Ҳамчунин, тарбияи шаҳрвандон дар руҳияи эҳтиром ба Конститутсия, риояву иҷрои қонунҳо ва таъмин намудани волоияти қонун низ аз ҷумлаи ҳадафҳои аслии «Соли маърифати ҳуқуқӣ» ба ҳисоб меравад.

Дар баробари ин, ҳадафи асосии баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ба он равона шудааст, ки эътирофу эҳтиром, риоя ва иҷрои қонун ба ҳукми одату анъана табдил ёбад, зеро тавре равандҳои рушди ҷомеаи ҷаҳонӣ собит месозанд, танҳо ҷомеае ба пешрафту тараққиёт ноил шуда метавонад, ки дар он Конститутсия ва қонунҳо бечунучаро риоя ва иҷро шуда, волоияти қонун ҳамчун арзиши муҳими давлати ҳуқуқбунёд таъмин гардад.

Бинобар ин, омӯзиши Конститутсия ва қонунҳо дар давлати ҳуқуқбунёд масъалаи меҳварии ҷомеа мебошад ва аз ҷониби тамоми қишрҳои ҷомеа бояд амалӣ карда шавад.

Бо ин мақсад, зарур аст, ки корҳои фаҳмондадиҳиву маърифатӣ, шарҳу тафсири илмиву оммавии меъёрҳои Конститутсия ва қонунҳо бо иштироки олимон, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, дигар мутахассисон ва дар ин замина ташкилу баргузор намудани барномаҳои махсус тавассути воситаҳои ахбори омма васеъ ба роҳ монда шаванд.

Аз ин лиҳоз, ба омӯзиши Конститутсия ва қонунҳо дар вазорату идораҳо, корхонаву муассисаҳо, сарфи назар аз шакли моликияташон, аз ҷумла муассисаҳои таълимӣ бояд эътибори ҷиддӣ зоҳир гардад.

**Ҳозирини арҷманд!**

Тавре зикр гардид, дар барпо кардани давлатдории навини тоҷикон ва расидан ба ваҳдати миллӣ Конститутсия нақши муҳим дорад.

Албатта, расидан ба ваҳдати миллӣ натиҷаи ақлу хиради миллати бостонии тоҷик мебошад ва ба имзо расидани санади муҳиму таърихӣ – Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон, ки ба ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ хотима гузошт, нақши арзишманд бозид.

Имрӯз таҷрибаи сулҳофаринии миллати фарҳангсолори тоҷик ба мактаби ибратомӯзи ҳалли низоъҳои дохилидавлатӣ мубаддал гардидааст.

Шароити пуртазоди замони муосир ва бозиҳои геосиёсӣ, таҳдиди ғояҳои хатарбор ба арзишҳо ва муқаддасоти миллӣ, шиддат гирифтани муборизаҳои мафкуравӣ, рақобатҳои иттилоотӣ ва дигар хатарҳои ҷаҳони имрӯза тамоми афроди ҷомеаро водор месозанд, ки ваҳдати миллиро ҳамчун гавҳараки чашм ҳифз намоянд.

Ман ҳамеша таъкид менамоям ва итминони комил дорам, ки мардуми фарҳангсолору тамаддунсози мо ба қадру қимати ваҳдат ва сулҳу субот мерасанд ва намегузоранд, ки андешаву ғояҳои ифротиву бегонаи хатарзо мафкураи ҷомеаи моро таҳти таъсир қарор дода, суботу оромии кишвар ва ваҳдати миллиамонро халалдор созанд.

Бори дигар хотирнишон месозам, ки ваҳдати миллӣ барои халқи мо неъмати бебаҳо, арзиши муқаддас, омили оромиву осудагӣ, рамзи ҳувияту худогоҳӣ, кафили бақои давлату давлатдорӣ ва саодати наслҳои имрӯзу оянда мебошад.

Имрӯз халқи саодатманди тоҷик дар шароити сулҳу суботи комил ва ваҳдати миллӣ дар ҷодаи амалисозии ҳадафҳои созандаи худ бо қадамҳои устувор пеш меравад.

**Ҳамватанони азиз!**

Рушди устувори ҷомеа, хусусан, дар давлатҳое, ки дар марҳалаи тараққиёт қарор доранд, талаб мекунад, ки меъёрҳои Конститутсия пайваста такмил дода шаванд. Ин, дар навбати худ, ба рушди бемайлони соҳаҳои сиёсӣ, иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангӣ мусоидат мекунад.

Такмили Конститутсия, ҳамчунин, ба густариши минбаъдаи равандҳои демократикунонии ҳаёти ҷомеа, ташаккулёбӣ ва таҳкими асосҳои конститутсионии ҳокимияти давлатӣ, рукнҳои асосии он ва мукаммалу самаранок гардидани низоми мақомоти давлатӣ мусоидат менамояд. Чунин амал, ҳамчунин, заминаи зарурии ҳуқуқиро барои кафолати риояву ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон муҳайё месозад.

Конститутсияи Тоҷикистон солҳои 1999, 2003 ва 2016-ум тавассути раъйпурсии умумихалқӣ такмил дода, ба он тағйиру иловаҳои муҳиму зарурӣ ворид карда шуданд.

Тағйиру иловаҳои соли 1999 дар асоси Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон амалӣ гардид.

Ин тағйиру иловаҳо асосан ба ташкил ва фаъолияти парламенти касбӣ дахл дошта, дар натиҷа боби сеюми Конститутсия дар таҳрири нав қабул гардид.

Бо дарназардошти тағйиру иловаҳои соли 1999 сохтори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дигаргун гардида, он ҳамчун мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузории кишвар иборат аз ду палата таъсис дода шуд.

Соли 2016 ба Конститутсия доир ба шакли идоракунии давлат, вазъи ҳуқуқии шаҳрвандон, ҳизбҳои сиёсӣ ва ҷалби васеи шаҳрвандон ба идоракунии давлатӣ меъёрҳои хеле муҳим ворид карда шуданд.

Такмили низоми ҳокимияти судӣ, баланд бардоштани масъулияти аъзои Маҷлиси миллӣ, вакилони Маҷлиси намояндагон, аъзои Ҳукумат ва судяҳои мақомоти судӣ низ аз ҷумлаи меъёрҳои муҳими соли 2016 ба Конститутсия воридгардида мебошанд.

Дар маҷмӯъ, тағйиру иловаҳое, ки се маротиба бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ ба Конститутсия ворид карда шуданд, мазмуну муҳтаво ва меъёрҳои онро такмил дода, ба рушди устувори минбаъдаи кишвар мусоидат намуданд.

Конститутсия асоси низоми қонунгузории мамлакат буда, дар заминаи он қонунҳо ва дигар санадҳои зерқонунӣ қабул карда мешаванд.

Санадҳои зикршуда соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа ва сохтору фаъолияти давлатро ба танзим даровarda, ба рушди босуръату устувори иқтисодиву иҷтимоӣ ва сиёсиву фарҳангии мамлакат мусоидат мекунанд. Бояд гуфт, ки дар Конститутсия принсипу арзишҳои низоми ҳуқуқии кишвар сабт гардиданд. Яъне, дар ин санади олӣ ҳамчун сарчашмаи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ асоси низоми нави қонунгузории мамлакат гузошта шуд ва дар заминаи ин ҳуҷҷати олии ҳуқуқӣ қонунгузории нави давлати Тоҷикистон ташаккул ёфт.

Конститутсия ҳамчун санади олии сиёсиву ҳуқуқӣ дар таҳкиму такмили ҳокимияти давлатӣ, ташкилу фаъолияти он, низоми мақомоти давлатӣ ва ҳамкории онҳо нақши калидӣ дорад. Чунин ҳамкорӣ дар асоси принсипи таҷзияи ҳокимияти давлатӣ сурат мегирад.

Ин принсип яке аз арзишҳои ҷаҳони мутамаддин буда, имкон медиҳад, ки шохаҳои ҳокимияти давлатӣ дар доираи салоҳияти худ мустақилона фаъолият ва ҳамкорӣ намоянд.

Солҳои сипаришуда нишон доданд, ки чунин тарзи ташкили ҳокимияти давлатӣ ба манфиати халқ ва фаъолияти самараноки мақомоти давлатӣ мебошад.

**Ҳамватанони гиромӣ!**

Аҳамияти таърихии Конститутсия дар он зоҳир мегардад, ки ин санади муқаддаси давлати соҳибихтиёр истиқлолу озодии Тоҷикистонро ба расмият даровarda, шакли идораи давлатро муайян намуд.

Конститутсия, ҳамчунин, барои ташкил ва таҳкими низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунӣ заминаи ҳуқуқӣ гузошт ва омили таъминкунандаи сулҳу субот, ваҳдати миллӣ ва пешрафти тамоми соҳаҳои ҳаёти давлативу ҷамъиятӣ гардид.

Ин санади таърихӣ, инчунин, асосҳои сиёсиву ҳуқуқӣ ва иқтисодиву фарҳангии ҷомеа ва давлати Тоҷикистонро муайян намуда, низоми мукаммали ҳуқуқу озодиҳои инсонро муқаррар кард ва механизми амалигардонии онҳоро кафолат дод.

Бо гузашти сӣ сол аз қабули ин санади тақдирсоз мо бо сарбаландӣ ва ифтихор гуфта метавонем, ки роҳи интихобкардаи халқи Тоҷикистон, яъне барпо кардани давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ ҷавобгӯи мақсаду маром ва ормону ҳадафҳои мардуми шарафманди мо мебошад. Яъне, бунёди ҷомеаи муосири озоду демократӣ, дастовардҳои имрӯзаи Тоҷикистон, рушди бонизому устувори иқтисодиву иҷтимоии кишвар ва баланд гардидани сатҳу сифати зиндагии мардум ба мо маҳз, дар натиҷаи татбиқи бомароми меъёру муқаррароти Конститутсия муяссар гардид.

Итминони комил дорам, ки Конститутсия ҳамчун санади роҳнамову сарнавиштсози таърихӣ барои рушди минбаъдаи Тоҷикистони соҳибистиқлол садсолаҳо хизмат хоҳад кард.

Дар ин лаҳзаҳои фараҳбахши идона бори дигар тамоми мардуми шарафманди Тоҷикистон ва ҳамаи шумо - ҳозирини гиромиро ба ифтихори сиюмин солгарди қабули Конститутсияи Тоҷикистон - санади тақдирсози ҷомеа ва давлат самимона табрик мегӯям.

Орзумандам, ки дар хонадони ҳар як фарди мамлакат сулҳу амонӣ, хушбахтӣ ва саодати рӯзгор ҳамеша пойдор бошад.

Бигзор, Конститутсия ҳамчун яке аз муқаддасоти миллии мо барои истиқлолу озодии давлату давлатдории мустақили тоҷикон, пешрафти устувори он, кафили доимии амнияту суботи кишвар ва зиндагии орому осудаи мардуми Тоҷикистон хизмат намояд.

**Саломату сарбаланд бошед, ҳамватанони азиз!**






# ТОҶИКИСТОН ҶОНИБДОРИ ҚАБУЛИ КОНВЕНСИЯ ОИД БА МУБОРИЗА БАР ЗИДДИ ТЕРРОРИЗМИ БАЙНАЛМИЛАЛИСТ

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Конфронси байналмилалӣ оид ба тақвияти ҳамкории байналмилалӣ дар самти мубориза бо терроризм ва эҷоди механизмҳои самараноки амнияти сарҳадӣ - марҳилаи кувайтии «Раванди Душанбе»**

**Кувайт, 4-уми ноябри соли 2024**

**Муҳтарам Шайх Сабоҳ Ал-Холид Ал-Ҳамад Ал-Муборак Ас-Сабоҳ, Валиаҳди Давлати Кувайт,**

**Муҳтарам роҳбарони ҳайатҳо,**

**Хонумҳо ва ҷанобон!**

Дар оғоз мехостам ба Давлати Кувайт ва Дафтари зиддитеррористии Созмони Милали Муттаҳид, ҳамчунин, дигар шарикони байналмилалӣ барои баргузории ин конфронси муҳими байналмилалӣ миннатдории худро изҳор намоям. Аз номи ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаи иштирокдорони ҳамоиши имрӯзаро хайрамақдам мегӯям.

Мо ба ҳайси мизбони «Раванди Душанбе оид ба мубориза ба терроризм ва маблағгузории он» аз иқдоми бори аввал берун аз Тоҷикистон баргузор гардидани конфронси навбатӣ дар доираи ин раванд истиқбол менамоем. Марҳалаи кувайтии онро омили муассири тақвияти ҳамкории байналмилалӣ дар самти мубориза бо терроризм ва эҷоди механизмҳои самараноки сарҳадӣ медонем. Шарикии мо дар ин замина намунаи масъулияти муштаракест, ки дар шароити имрӯзаи геосиёсӣ барои муқовимат ба терроризм бисёр зарур ва бамаврид аст.

Конфронси имрӯза ба миқёс ва таъсири «Раванди Душанбе» дар мубориза бо терроризм ва маблағгузории он тавсеаи бештар хоҳад бахшид.

Ин ҳамоиш, бешубҳа, ба ҳамоҳангӣ ва тақвияти ҳамкорӣ дар сатҳи байналмилалӣ, алалхусус миёни кишварҳо ва минтақаҳои Осиёи Марказӣ, Гурӯҳи кишварҳои арабӣ, Африқо ва Ассотсиатсияи давлатҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ (АСЕАН), мусоидат менамояд.

**Муҳтарам иштирокдорони ҳамоиш,**

Тоҷикистон ҳамчун ташаббускори «Раванди Душанбе» бори дигар уҳдадориҳои худро дар ҳамкорӣ бо Созмони Милали Муттаҳид ва дигар шарикони байналмилалӣ тасдиқ мекунад.

Терроризм, ифротгароӣ ва зуҳуроти тундгароӣ имрӯз ба хатари глобалӣ мубаддал гардида, тамоми аҳли башарро ба ташвиш овардааст. Паҳн кардани ғояҳои тундгароёна, барангехтани кинаву адоват ва низои мазҳабӣ дар ҷомеа, ҷалби ҷавонон барои содир намудани ҷиноятҳои террористӣ аслиҳаи воқеии созмонҳои террористиву ифротгаро гардидааст. Онҳо зимни тақвияти фаъолияти худ бо истифода аз ин василаҳо мехоҳанд сохти ҷамъиятиву сиёсии ин ё он кишварро бо роҳи зӯроварӣ тағйир диҳанд. Ин созмону гурӯҳҳо имрӯз зимни роҳандозии ҳадафҳои нопоки худ аз имконоти технологияҳои иттилоотии пешрафта низ фаровон истифода мебаранд.

Зарур аст, ки масъулону коршиносон ин мавзуъро мавриди таваҷҷуҳ ва андешидани тадбирҳои муассир қарор диҳанд.

Барои пешгирӣ аз ифротгароӣ, хусусан дар байни ҷавонон, зарурати роҳандозии иқдомҳои махсус ба миён омадааст.

Дар ин росто, барномаҳои таълимӣ ва лоиҳаҳои иҷтимоие, ки аз дастгирии имкониятҳои иқтисодӣ бархӯрдоранд ва метавонанд ба коҳиш додани хатари ифротгароӣ кумак кунанд, аз абзорҳои муҳим дар ин раванд ба шумор мераванд. Дар баробари ин, бозомӯзӣ дар самти фанновариҳои нав барои таҳкими иқтидори мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хадамоти иктишофӣ тавассути омӯзиш ва дастгирии техникӣ нақши басо муассир хоҳад дошт.

**Ҳозирини гиромӣ,**

Мушкилоти амниятии имрӯза аз мо на танҳо азму иродаи қавӣ, балки қобилияти ҳамкорӣ дар сатҳи ҷаҳониро низ тақозо мекунад.

Танҳо тавассути ҳамкории васеъ ва ҳамоҳангшудаи байналмилалӣ мо метавонем дар мубориза бо терроризм ва таҳдидҳои он муваффақ бошем.

Вусъат пайдо кардани терроризм, ифротгароӣ, ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ, қочоқи маводи мухаддир ва ҷиноятҳои киберӣ, чун пештара, ба амнияти байналмилалӣ таҳдид мекунад.

Вобаста ба ин, моро зарур аст, ки дар баробари мубориза бо ин таҳдидҳо, инчунин, ҳамоҳангии тадбирҳоямонро ҷиҳати таҳкими сулҳу субот ва амният тақвият бахшем. Дар ин росто, табодули иттилоот ва таҷрибаи пешрафта нақши муҳим хоҳад дошт.

Тақвияти ҳамоҳангии амалиёт дар сатҳи минтақавӣ ва ҷаҳонӣ, эҷоди механизмҳои боэътимоди вокуниши фаврӣ ба хавфу таҳдидҳои амниятӣ ба муборизаи муштарак бо онҳо мусоидат хоҳанд кард.

Ба ин манзур Тоҷикистон ҷонибдори қабули Конвенсия оид ба мубориза бар зидди терроризми байналмилалӣ мебошад. Зарур медонем, ки раванди музокирот дар ин хусус ҳар чӣ зудтар ба итмом расад.

**Дӯстони гиромӣ,**

Гурӯҳҳои террористӣ ҷиҳати убури сарҳадот ва фарогир сохтани фаъолияти тахрибкоронаи худ мунтазам талош меварзанд.

Барои Тоҷикистон таъмин намудани ҳифзи боэътимоди сарҳади давлатӣ ва дарёфти имкониятҳо ҷиҳати таҳкими минбаъдаи он бениҳоят муҳим мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тақвияти механизмҳои амнияти сарҳадӣ ҳамаи чораҳои заруриро роҳандозӣ карда истодааст.

Кишвари мо дар ҳамкорӣ бо шарикони худ барои эҷоди механизмҳое, ки ба пешгирӣ кардани қочоқи аслиҳа, маводи мухаддир ва маблағгузории терроризм мусоидат мекунанд, саҳм мегузорад.

Имрӯз беш аз пеш возеҳ аст, ки ҳеҷ кишвар ба танҳоӣ дар самти мубориза ба ин таҳдиду хатарҳо муваффақ нахоҳад буд.

Тоҷикистон дар хати пеши муқовимат бо хатару таҳдидҳои муосир, аз қабили терроризму ифротгароӣ, тундгароӣ, муомилоти ғайриқонунии маводди мухаддир ва дигар зуҳуроти ҷинояткории муташаккили фаромарзӣ, қарор дорад. Аз ин лиҳоз, мо зарурати ҳамгироии талошҳоро дар арсаи байналмилалӣ хуб дарк мекунем.

Кишвари мо иштирокдори фаъоли муколамаи ҷаҳонӣ оид ба амният дар доираи созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ мебошад.

Қобили тазаккур аст, ки мо дар асоси таҷрибаи андӯхтаи худ дар мубориза бо хатару таҳдидҳои ҷаҳонӣ «Стратегияи мубориза бо терроризм ва ифротгароӣ барои солҳои 2021-2025»-ро таҳия намуда, татбиқ карда истодаем.

Дар доираи амалисозии ин стратегия Ҳукумати кишвари мо дар миёни дигар дастовардҳои назаррас, инчунин, дар самти беҳбуди механизми пешгирӣ аз ифротгароиву тундгароӣ ва баланд бардоштани нақши соҳаи маориф ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ин раванд ба пешравӣ ноил гардидааст.

**Муҳтарам иштирокдорони конфронс,**

«Раванди Душанбе» ҷиҳати мубориза бо терроризм, муколамаи ҳамаҷониба ва табодули таҷрибаҳои беҳтарин дар ин ҷода барои ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор як заминаи муҳими ҳамкориҳои глобалиро фароҳам овардааст.

Тоҷикистон дар оянда ҳам талошҳои худро дар ин самт идома дода, барои таъмини амният ва суботи фарогир ҳамкориҳои зичро бо шариконаш тақвият хоҳад бахшид.

Мусоидат ба таъмини сулҳу суботи пойдор ва ҳаёти осоишта дар паҳнои олам яке аз ҳадафҳои асосии сиёсати хориҷии давлати Тоҷикистон мебошад.

Пешниҳоди ман дар Иҷлосияи 79-уми Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид ҷиҳати қабули қатъномаи махсус оид ба эълон кардани «Даҳсолаи таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда» ҳамин ҳадафро пайгирӣ мекунад. Мо ба дастгирии шарикони худ аз ин ташаббус умед мебандем.

Итминон дорем, ки марҳалаи кувайтии конфронси «Раванди Душанбе» ба ҳар чӣ бештар фаъол гардидани талошҳои дастҷамъонаи мо дар соҳаи мубориза бо терроризм ва ифротгароӣ мусоидат хоҳад кард.

Дар хотимаи сухани худ мехоҳам идомаи бобарори барномаи кории конфронси имрӯзаро орзу намоям.

**Аз таваҷҷуҳатон сипосгузорам.**

# ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР КУВАЙТ

(Идома аз шумораи гузашта)

**Чоруми ноябри соли 2024 дар шаҳри Ал-Кувайти Давлати Кувайт Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Конфронси байналмилалӣ оид ба тақвияти ҳамкории байналмилалӣ дар самти мубориза бо терроризм ва эҷоди механизмҳои самараноки амнияти сарҳадӣ - марҳилаи кувайтии «Раванди Душанбе» иштирок ва суханронӣ намуданд.**

Президенти кишвари мо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин ҳамоишро омили муассири тақвияти ҳамкории байналмилалӣ дар самти мубориза бо терроризму ифротгароӣ ва дигар хавфу хатарҳои амниятӣ номиданд.

Таъкид гардид, ки конфронси имрӯза ба миқёс ва таъсири «Раванди Душанбе оид ба мубориза бо терроризм ва маблағгузории он» тавсеаи бештар хоҳад бахшид.

«Ин ҳамоиш, бешубҳа, ба ҳамоҳангӣ ва тақвияти ҳамкорӣ дар сатҳи байналмилалӣ, алалхусус миёни кишварҳо ва минтақаҳои Осиёи Марказӣ, Гурӯҳи кишварҳои арабӣ, Африқо ва Ассотсиатсияи давлатҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, мусоидат менамояд», - изҳор доштанд Роҳбари давлати мо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.



Гуфта шуд, ки Тоҷикистон ҳамчун ташаббускори «Раванди Душанбе» бори дигар уҳдадориҳои худро ҷиҳати ҳамкорӣ бо Созмони Милали Муттаҳид ва дигар шарикони байналмилалӣ тасдиқ мекунад.

Президенти Тоҷикистон таваҷҷуҳи иштирокдорони конфронси сатҳи баланди байналмилалиро ба масъалаҳои паҳн шудани ғояҳои тундгароӣ, барангехтани кинаву адоват ва низоъҳои мазҳабӣ дар ҷомеа ва даъвати ҷавонон ба содир намудани ҷиноятҳои террористӣ ҳамчун аслиҳаи воқеии созмонҳои террористию ифротӣ ҷалб намуданд.

Зарур шуморида шуд, ки масъулону коршиносон ин мавзуъро мавриди таваҷҷуҳ қарор дода, барои ҳалли онҳо тадбирҳои муассир андешанд.

Президенти кишвари мо таъкид намуданд, ки барои пешгирӣ аз ифротгароӣ, хусусан дар байни ҷавонон, зарурати роҳандозии иқдомҳои хоса ба миён омадааст.

Роҳбари давлати мо нақши бозомӯзӣ дар самти фанновариҳои нав барои таҳкими иқтидори мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хадамоти иктишофӣ тавассути омӯзиш ва дастгирии техникиро басо муассир номиданд.

Таъкид шуд, ки вусъат пайдо кардани терроризм, ифротгароӣ, ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ, қочоқи маводи мухаддир ва ҷиноятҳои киберӣ, чун пештара, ба амнияти байналмилалӣ таҳдид мекунад. Вобаста ба ин, зарур шуморида шуд, ки дар баробари мубориза бо ин таҳдидҳо, инчунин, ҳамоҳангии тадбирҳои кишварҳо барои таҳкими сулҳу субот ва амният тақвият дода шавад.

Президенти кишвари мо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷонибдории Тоҷикистонро аз қабули Конвенсия оид ба мубориза бар зидди терроризми байналмилалӣ таъкид намуданд. Зарур дониста шуд, ки раванди музокирот дар ин хусус ҳар чӣ зудтар ба итмом расонида шавад.

Дар робита ба таҳкими иқтидори таъмини амнияти сарҳади давлатӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳор доштанд, ки «кишвари мо дар ҳамкорӣ бо шарикони худ барои эҷоди механизмҳое, ки ба пешгирӣ кардани қочоқи аслиҳа, маводи мухаддир ва маблағгузории терроризм мусоидат мекунанд, саҳм мегузорад».

Таъкид гардид, ки кишвари мо иштирокдори фаъоли муколамаи ҷаҳонӣ оид ба амният дар доираи созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ мебошад ва дар асоси таҷрибаи андӯхтаи худ дар мубориза бо хатару таҳдидҳои ҷаҳонӣ «Стратегияи мубориза бо терроризм ва ифротгароӣ барои солҳои 2021-2025»-ро татбиқ карда истодааст.

Роҳбари давлати мо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд, ки дар доираи амалисозии ин стратегия Ҳукумати Тоҷикистон дар миёни дигар дастовардҳои назаррас, инчунин, дар самти беҳбуди механизми пешгирӣ аз ифротгароию тундгароӣ ва баланд бардоштани нақши соҳаи маориф ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ба пешравӣ ноил гардидааст.

Президенти кишвар мусоидат ба таъмини сулҳу суботи пойдор ва ҳаёти осоишта дар паҳнои оламро яке аз ҳадафҳои асосии сиёсати хориҷии давлати мо номида, аз пешниҳоди худ дар Иҷлосияи 79-уми Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид ҷиҳати қабули қатъномаи махсус оид ба эълон кардани «Даҳсолаи таҳкими сулҳ барои наслҳои оянда» ёдовар шуданд.

Дар фароварди сухан Роҳбари давлати мо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳори имтинон намуданд, ки Конфронси байналмилалӣ оид ба «Тақвияти ҳамкории байналмилалӣ дар самти мубориза бо терроризм ва эҷоди механизмҳои самараноки амнияти сарҳадӣ - марҳилаи кувайтии «Раванди Душанбе» ба ҳар чӣ бештар фаъол гардидани талошҳои дастҷамъонаи кишварҳо ва созмонҳои байналмилалӣ дар соҳаи мубориза бо терроризм ва ифротгароӣ мусоидат хоҳад кард.

**Чоруми ноябри соли равон дар шаҳри Ал-Кувайт Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Директори генералии Фонди кувайтии рушд Валид Ал-Баҳар мулоқот намуданд.**

Дар вохӯрӣ масоили ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фонди мазкур баррасӣ шуд.

Тавсеаи ҳамкории Тоҷикистону Фонди кувайтии рушд дар маблағгузории лоиҳаҳои муҳими зербиноӣ, аз ҷумла сохтмони роҳҳои мошингард, иншооти бахши энергетика ва обёрӣ, аз мавзуъҳои муҳими мулоқот буд. Дар ин робита ба роҳбарияти Давлати Кувайт барои иқдоми ҷудо намудани 100 миллион доллари амрикоӣ барои татбиқи лоиҳаи НБО «Роғун» арзи сипос карда шуд.

Ҷалби васеи фонд ба маблағгузории лоиҳаҳои иҷтимоиву иқтисодии кишвари мо, аз ҷумла дар бахшҳои тандурустӣ ва маориф, мувофиқи мақсад дониста шуд.

Оид ба дигар масъалаҳои мавриди таваҷҷуҳ низ гуфтугӯйи судманд сурат гирифт.

**Чоруми ноябри соли ҷорӣ дар шаҳри Ал-Кувайт Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи Конфронси байналмилалӣ оид ба тақвияти ҳамкории байналмилалӣ дар самти мубориза бо терроризм ва эҷоди механизмҳои самараноки амнияти сарҳадӣ - марҳилаи кувайтии «Раванди Душанбе» бо муовини Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид Владимир Воронков мулоқот намуданд.**

Дар вохӯрӣ масоили марбут ба ҳамкории самарабахши Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Дафтари зиддитеррористии Созмони Милали Муттаҳид, ҳамчунин, чораёни кори конфронси зикргардида баррасӣ шуд.

Таваҷҷуҳи зиёд ба афзоиши таҳдиду хатарҳо ба амну субот, аз ҷумла терроризму экстремизм ва дигар ҷиноятҳои муташаккили фаромарзии вобаста ба ин зуҳурот, зоҳир гардид.

Ҳар ду ҷониб омодагии худро барои таҳкими ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ дар мубориза бо хатару таҳдидҳои мазкур изҳор доштанд.

Оид ба дигар мавзуъҳои вобаста ба таъмини амну субот дар минтақа ва ҷаҳон низ табодули андеша сурат гирифт.

**Чоруми ноябри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи сафари расмӣ ба Давлати Кувайт аз Осорхонаи Қасри ас-Салом, ки дар минтақаи Шувайхи шаҳри Ал-Кувайт воқеъ гардидааст, боздид намуданд.**

Ба меҳмони олимақом дар хусуси таърихи бунёди ин иншооти фарҳангиву таърихӣ, ки сохтмонаш соли 1960 ҳамчун қароргоҳи амир дар замони ҳукмронии собиқ Амири Кувайт марҳум Шайх Абдулло Ас-Салом Ас-Сабоҳ шурӯъ гардида буд, иттилоъ дода шуд. Зикр шуд, ки соли 1961, пас аз эълон шудани соҳибистиқлолии кишвар, бинобар зарурати бунёди қароргоҳи пазироии меҳмони расмии сатҳи олӣ ва баланд, ба ангораи сохтмони қаср тағйирот ворид гардид.

Соли 2019, баъд аз ба анҷом расидани корҳои сохтмонӣ ва тармимӣ, дар қаср осорхонаи таърихиву фарҳангӣ ҷойгир карда шуд, ки бозгӯйи марҳилаҳои замонии гуногуни таърихи 300-солаи Кувайт буда, дар он маҷмӯи нодири осори таърихӣ ва нигораҳои мероси фарҳанги миллӣ ба маърази гузошта шудаанд.

Осорхона бо технологияҳои муосири намоиш муҷаҳҳазонида шудааст, ки имкони муаррифии таърихи Кувайтро ба таври навоварона медиҳанд.

Дар фарҷоми боздид аз осорхона Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо таманниёти шукуфоии бештари кишвари дӯст ва таҳкими муносибатҳои неки ҳар ду давлат дар китоби меҳмонони фахрӣ соядаст гузоштанд.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи сафар ба Кувайт ва иштирок дар Конфронси байналмилалӣ оид ба тақвияти ҳамкории байналмилалӣ дар самти мубориза бо терроризм ва эҷоди механизмҳои самараноки амнияти сарҳадӣ - марҳилаи кувайтии «Раванди Душанбе» бо мудири кулли Агентии иттилоотии Кувайт доктор Фотима ал-Солим мусоҳиба доир карданд.**

Дар ҷараёни суҳбат бо рӯзноманигори кувайтӣ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба ҳолати имрӯза ва дурнамои муносибатҳои Тоҷикистону Кувайт, ҳамкориҳои ҳар ду кишвар дар чорчӯбаи созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ аз ҷумла, муқовимат ба терроризму ифротгароӣ ва дигар таҳдиду хатарҳои ҷаҳони муосир ба таври муфассал изҳори ақида намуданд.

Зикр гардид, ки соли оянда аз истиқрори муносибатҳои дипломатии ҳар ду кишвар 30 сол пур мешавад ва изҳори итминон карда шуд, ки ҷонибҳо ин санаи муҳим дар таърихи муосири робитаҳои ҳар ду кишварро бо дастовардҳои навин дар тавсеа ва таҳкими ҳамкориҳояшон таҷлил хоҳанд кард.

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мусоҳиба аз раванди ҷонибдории тавсеаи шарикии ҳар ду кишвар дар соҳаҳои сиёсӣ, тиҷорату иқтисод, сармоягузорӣ ва фарҳангию башарӣ изҳори қаноатмандӣ намуданд. Дар робита ба ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Кувайт дар чорчӯбаи созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ қайд гардид, ки Конфронси байналмилалӣ оид ба мубориза бо терроризм ва эҷоди механизмҳои самараноки амнияти сарҳадӣ - марҳилаи кувайтии «Раванди Душанбе» намунаи равшани чунин ҳамкории ҳар ду давлат мебошад.

Дар мусоҳиба, ҳамчунин, масъалаҳои рӯзмарраи обу иқлим мавриди назар қарор гирифтанд. Пешвои миллат оид ба ташаббусҳои ҷаҳонии Тоҷикистон дар соҳаҳои обу иқлим ва мавқеи пешоҳангии кишвари мо дар пешбурди рӯзномаи байналмилалӣ дар ин самт ба таври муфассал ибрози ақида намуданд.

Мавриди зикр аст, ки сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Давлати Кувайт ва иштирокашон дар Конфронси байналмилалӣ оид ба мубориза бо терроризм, ҳамчунин, дигар чорабиниҳое, ки зимни сафар сурат гирифтанд, аз ҷумла намоиши имкониятҳои соҳибкорӣ, сармоягузорӣ ва сайёҳии Тоҷикистон, муаррифии нашри китоби «Тоҷикон»-и академик Бобоҷон Ғафуров бо забони арабӣ, дар расонаҳои Кувайт ва дигар кишварҳои минтақа васеъ инъикос ёфтанд.




**Аз 3 то 5-уми ноябри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо сафари расмӣ ва бо мақсади иштирок дар Конфронси байналмилалӣ оид ба тақвияти ҳамкории байналмилалӣ дар самти мубориза бо терроризм ва эҷоди механизмҳои самараноки амнияти сарҳадӣ - марҳилаи кувайтии «Раванди Душанбе» дар шаҳри Ал-Кувайти Давлати Кувайт қарор доштанд.**

Зимни сафар Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо роҳбарияти олии ин кишвари дӯст, аз ҷумла бо Амири Давлати Кувайт ва Валиаҳд, мулоқотҳои судманду созанда анҷом доданд.

Аз рӯи натиҷаи мулоқоту музокироти сатҳи олии Тоҷикистону Кувайт 9 санади нав, ки робитаҳоро дар сиёсати хориҷӣ, танзими қувваи корӣ дар бахши хусусӣ, тиҷорат, саноат, ҳамкорӣ дар соҳаи стандартизатсия, тарбияи ҷисмонию варзиш ва сайёҳӣ танзим менамояд, ба имзо расид.

Сафари Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Кувайт аз он лиҳоз пурмаҳсул буд, ки зимни он Пешвои миллат, ҳамчунин, дар Конфронси байналмилалии марҳалаи кувайтии «Раванди Душанбе» иштирок ва суханронӣ намуданд.

Зимни суханронӣ дар конфронс Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷонибдории Тоҷикистонро аз қабули Конвенсия оид ба мубориза бар зидди терроризми байналмилалӣ таъкид намуданд. Ҳамчунин, Президенти кишвар мусоидат ба таъмини сулҳу суботи пойдор ва ҳаёти осоишта дар паҳнои оламро яке аз ҳадафҳои асосии сиёсати хориҷии давлати мо номида, аз пешниҳоди худ дар Иҷлосияи 79-уми Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид ҷиҳати қабули қатъномаи махсус оид ба эълон кардани «Даҳсолаи таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда» ёдовар шуданд.

Рӯзи 4 ноябр дар ҳошияи ин сафар, ҳамчунин, дигар чорабиниҳо, аз қабили Форуми саноатӣ, сармоягузорӣ ва иқтисодии Тоҷикистону Кувайт, намоиши молу маҳсулоти саноатӣ ва имкониятҳои сайёҳии Тоҷикистон ва муаррифии тарҷумаи арабии китоби академик Бобоҷон Ғафуров «Тоҷикон», баргузор гардид.

Аз лаҳзаҳои нахустини ворид шудан ба Давлати Кувайт истиқболу пазироии самимии роҳбарияти олӣ ва мардуми кишвари дӯст баръало эҳсос мегардид. Кӯчаҳои шаҳр бо парчамҳои давлатии ҳар ду давлат идона ороста шуда буд.

Ҷараён ва натиҷаҳои сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Давлати Кувайт ва иштироки Сарвари давлат дар конфронси сатҳи баланд дар даҳҳо расонаи ин кишвар, аз ҷумла дар рӯзномаву маҷаллаҳо, агентиҳои иттилоотӣ ва радиову телевизион, ба таври васеъ инъикос ёфт.

5 ноябри соли 2024 сафари расмии Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Давлати Кувайт ба анҷом расид. Маросими истиқбол, ҳамчунин, гусели Сарвари давлати Тоҷикистон дар Фурудгоҳи байналмилалии Ал-Кувайт бо шукӯҳи хоса баргузор шуд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро намояндагони воломақоми ин кишвари дӯст самимона гусел намуданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз шаҳри Ал-Кувайт ба Ватан баргаштанд.

**www.prezident.tj**





# НОМИ ЯКЧАНД МАҲАЛИ АҲОЛИНИШИН ДАР ВМКБ ВА ХАТЛОН ИВАЗ ШУД

(Идома аз саҳ. 1)

**1. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**2.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**5.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид»**

**10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид»**

**11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид»**

**12. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ғалла ва маҳсулоти коркарди он»**

**13. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилооти экологӣ»**

**14. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мониторинги экологӣ»**

**15. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти обуҳавошиносӣ»**



**16. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист»**

**17. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аудити экологӣ»**

**18. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи экологӣ»**

**19. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кумакҳои унвонии иҷтимоӣ»**

**20. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи собиқадорон»**

**21. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ»**

**22. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила»**

**23. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ»**

**24. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳоҷират»**

**25. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**26. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он»**

**27. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи мутақобила»**

**28. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)»**

**29. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи алоқаи фелдегерӣ»**

**30. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама»**

**31. Пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ба категорияи деҳа мансуб донистани баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияҳои Дарвоз ва Шуғнон, иваз намудани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияҳои Дарвоз, Шуғнон ва Роштқалъаи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон»**

**32. Пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иваз намудани номи баъзе воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ ва маҳалҳои аҳолинишини шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон»**

**33. Дар бораи судяи Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Мирзозода Н.М.**

**РАИС: - Мухтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба муҳокимаи масъалаи якуми рӯзнома - Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» шурӯъ менамоем.

Сухан ба раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният Раҳмон Дилшод дода мешавад. Марҳамат.

**Дилшод РАҲМОН:**



**- Мухтарам Раис, мухтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро, ки аз ҷониби вакилони Маҷлиси намояндагон пешниҳод гардида, онро 12 июни соли 2024 Маҷлиси намояндагон қабул кардааст, баррасӣ намуд.

Мақсади қонуни конститутсионӣ аз такмил ва мутобиқ намудани меъёрҳои алоҳидаи қонуни конститутсионии амалкунанда ба талаботи дигар санадҳои қонунгузорӣ, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, иборат буда, бо ин васила дар зиёда аз бист моддаи қонуни конститутсионӣ баъзе калимаву ибораҳо илова ё иваз карда шудаанд, ки бештар хусусияти муайянкунанда, мутобиққунанда, меъёрӣ ва имлоӣ доранд.

Ҳамзамон, дар қисмҳои 1 ва 2 моддаи 12 ва қисми 2 моддаи 108 калимаҳои «забони давлатиро донад» ба калимаҳои «забонҳои давлатӣ ва хориҷиро донад» иваз гардидаанд.

Тибқи тағйиру иловаҳои мазкур минбаъд ба вазифаи судяҳои Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят ва шаҳри Душанбе, судҳои шаҳр ва ноҳия, суди ҳарбии гарнизонҳо, Суди иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои иқтисодии вилоят ва шаҳри Душанбе шахсе интихоб ё таъин мешавад, ки дар баробари дигар хусусиятҳо бояд забонҳои хориҷиро донад. Инчунин, талаботи мазкур нисбати коромӯз-судя низ татбиқ мегардад.

Тибқи иловаи сархати нуздаҳум ба қисми 1 моддаи 18, ҳангоми бо асосҳои ғайрисафедкунанда рад кардан аз оғози парвандаи ҷиноятӣ нисбати судя ё қатъи пешбурди парвандаи ҷиноятӣ бо озод кардани ӯ аз ҷавобгарии ҷиноятӣ асос барои бозхонд ва озод намудани судя мегардад. Инчунин, ба қонуни конститутсионии амалкунанда моддаи $98^1$ илова гардид, ки тибқи он судҳо барои дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти худ бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои дахлдор меандешанд ва иттилоот оид ба фаъолияти судҳо дар шакли шифоҳӣ, хаттӣ, электронӣ ва шаклҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, пешниҳод карда мешаванд.

Қонуни конститутсионӣ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон мутобиқ мебошад. Аз ин рӯ, бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки он ҷонибдорӣ карда шавад.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: - Мухтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба муҳокимаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» оғоз менамоем. Сухан ба Раҳмон Дилшод дода мешавад. Марҳамат.

**Дилшод РАҲМОН:**

- **Мухтарам Раис, мухтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз тарафи вакилони Маҷлиси намояндагон пешниҳод гардида, онро 12 июни соли 2024 Маҷлиси намояндагон қабул кардааст.

Мақсади қонуни мазкур аз такмили меъёрҳои алоҳидаи кодекси амалкунанда, инчунин, амалисозии Барномаиислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти мукаммалсозии қонунгузории мурофиавии иқтисодии Тоҷикистон иборат буда, дар ин робита, ба қисми 1 моддаи 149 сархати ҳафтум илова шудааст, ки тибқи он давлати хориҷӣ дорои масунияти судӣ мебошад.

Моддаи 230 кодекси амалкунанда дар таҳрири нав ифода ёфта, тибқи қисми 1 масунияти судии ташкилотҳои байналмилалӣ бо санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст ва қонунҳо муайян карда мешавад. Инчунин, тибқи қисми 2 даст кашидан аз масунияти судӣ бо тартиби пешбининамудаи қонуни давлати хориҷӣ ё қоидаҳои ташкилоти байналмилалӣ ба амал бароварда мешавад. Дар ин ҳолат суди иқтисодӣ парвандаро бо тартиби муқаррарнамудаи кодекси мазкур баррасӣ менамояд.

Ҳамчунин, ба кодекси амалкунанда боби $30^1$ бо номи «истеҳсолоти парвандаҳо бо иштироки давлати хориҷӣ» илова гардида, аз дувоздаҳ модда ($235^1 – 235^{12}$) таркиб ёфтааст. Меъёрҳои ин моддаҳо муносибатҳоро вобаста ба мурофиаи судии парвандаҳо бо иштироки давлати хориҷӣ, салоҳияти судҳои иқтисодӣ оид ба парвандаҳо бо иштироки давлати хориҷӣ, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мурофиавии давлати хориҷӣ, намояндагӣ, пешниҳод намудани аризаи даъвогӣ, хусусиятҳои андешидани тадбирҳо оид ба таъмини даъво, фиристодан ва супоридани хабарномаи судӣ дар бораи муҳокимаи судӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои судӣ ба давлати хориҷӣ, хусусиятҳои маҷлиси пешакии судӣ ва қатъ кардани истеҳсолоти парванда, хулосаи мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои дигар ва коршиносон оид ба масъалаҳои татбиқи масунияти юрисдиксионӣ, татбиқи принсипи мутақобила, ҳалномаи ғоибона, имтиёз ва масуниятҳои давлати хориҷӣ дар ҷараёни муҳокимаи судӣ, тартиби иҷро намудани санадҳои судӣ нисбат ба давлати хориҷӣ танзим менамояд.

Қонун ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон мутобиқ мебошад. Бинобар ин, бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки он ҷонибдорӣ карда шавад.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: - Мухтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба муҳокимаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» оғоз менамоем. Сухан ба Раҳмон Дилшод дода мешавад. Марҳамат.

**Дилшод РАҲМОН:**

- **Мухтарам Раис, мухтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз тарафи аъзои Маҷлиси миллӣ М. Гулзода, Ф.Хоҷазода, М. Набизода, Д. Одилзода ва вакилони Маҷлиси намояндагон М. Ахмедов ва Ф. Қосимӣ пешниҳод гардида, онро 29 майи соли 2024 Маҷлиси намояндагон қабул кардааст.

Мақсади қонун аз такмили меъёрҳои алоҳидаи кодекси амалкунанда, инчунин, мутобиқ намудани он ба талаботи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳолати ҷангӣ», «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ва «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» иборат буда, бо ин васила, ба қисми 2 моддаи 47 пас аз калимаҳои «низоми вазъи фавқулодда» калимаҳои «ва ҳолати ҷангӣ» илова гардидааст.

Тибқи тағйирот дар санксияи моддаи 123 кодекс барои риоя накардани тартиби муқарраршудаи хизматрасонии музднокии тиббӣ дар муассисаҳои тиббии давлатӣ, қасдан баланд намудани нархи хизматрасонии музднокии тиббӣ ё дидаю дониста расонидани кумаки музднокии тиббӣ ба шахсе, ки ба хизматрасонии ройгони тиббӣ ҳуқуқ дорад, ҷазои маъмурӣ пурзӯр гардида, ҷарима ба андозаи аз сӣ то чил нишондиҳанда барои ҳисобҳо муқаррар шудааст.

Ҳамзамон, тибқи тағйироту илова дар номи моддаи 471 калимаҳои «вазъияти ҳарбӣ» ва дар диспозитсияи модда калимаҳои «муқарраршудаи низоми вазъияти ҳарбӣ» мувофиқан ба калимаҳои «ҳолати ҷангӣ» ва «муқарраршуда дар шароити ҳолати ҷангӣ» иваз карда шудаанд.

Қонун ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон мутобиқ буда, барои риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи талаботи кодекс мусоидат менамояд. Аз ин рӯ, бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки он ҷонибдорӣ карда шавад.

**(Давомаш дар саҳ. 5)**

(Идома аз саҳ. 1)



# ҶАЛАСАИ ШУРОИ МАҶЛИСИ МИЛЛӢ

«Лоиҳаи Қарори Шурои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилооти экологӣ», «Лоиҳаи Қарори Шурои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мониторинги экологӣ», «Лоиҳаи Қарори Шурои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти обуҳавошиносӣ», «Лоиҳаи Қарори Шурои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист», «Лоиҳаи Қарори Шурои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аудити экологӣ», «Лоиҳаи Қарори Шурои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи экологӣ», «Лоиҳаи Қарори Шурои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кумакҳои унвонии иҷтимоӣ», «Лоиҳаи Қарори Шурои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи собиқадорон», «Лоиҳаи Қарори Шурои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ», «Лоиҳаи Қарори Шурои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила», «Лоиҳаи Қарори Шурои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ», «Лоиҳаи Қарори Шурои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳоҷират», «Лоиҳаи Қарори Шурои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Лоиҳаи Қарори Шурои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он», «Лоиҳаи Қарори Шурои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи мутақобила», «Лоиҳаи Қарори Шурои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)», «Лоиҳаи Қарори Шурои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи алоқаи фелдегерӣ», «Лоиҳаи Қарори Шурои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама», «Лоиҳаи Қарори Шурои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ба категорияи деҳа мансуб донистани баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияҳои Дарвоз ва Шуғнон, иваз намудани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияҳои Дарвоз, Шуғнон ва Роштқалъаи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон», «Лоиҳаи Қарори Шурои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иваз намудани номи баъзе воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ ва маҳалҳои аҳолинишини шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон», «Лоиҳаи Қарори Шурои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи судяи Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Мирзозода Н.М.», «Лоиҳаи Қарори Шурои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи Иҷлосияи нуздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум».

Масъалаҳои рӯзномаро Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ, раисони кумитаҳои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният Дилшод Раҳмон, оид ба масъалаҳои аграрӣ, шуғли аҳолӣ ва экология Давлаталӣ Саид, оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, ҳифзи сиҳатӣ, илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонону занон Маҳмадшоҳ Гулзода, оид ба иқтисодиёту коммуникатсия Шарифҷон Ҷумъазода, оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси миллӣ бо Маҷлиси намояндагон, ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва робитаҳои байнипарламентӣ Фарҳод Раҳимӣ ва ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ – Намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Зариф Ализода шарҳу тавзеҳ доданд.

Шурои Маҷлиси миллӣ масъалаҳои рӯзномаро барои баррасӣ ба Иҷлосияи нуздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум пешниҳод кард. Шурои Маҷлиси миллӣ, ҳамчунин, «Дар бораи рӯзномаи Иҷлосияи нуздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» қарор қабул намуд.

**«Садои мардум»,**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

(Идома аз саҳ. 4)

# НОМИ ЯКЧАНД МАҲАЛИ АҲОЛИНИШИН ДАР ВМКБ ВА ХАТЛОН ИВАЗ ШУД

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба муҳокимаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» шурӯъ мекунем. Сухан ба Раҳмон Дилшод дода мешавад. Марҳамат.

**Дилшод РАҲМОН:**

- **Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро 1 октябри соли 2024 Маҷлиси намояндагон қабул кардааст.

Мақсади қонун такмили кодекси амалкунанда ва пурзӯр намудани ҷавобгарӣ барои ҳуқуқвайронкуниҳои алоҳида буда, бо ин васила санксияи моддаҳои 147, 177, қисми 1 моддаи 183, моддаҳои 196, 218, 223-225, 227, 230, 232, 234-239, 242-244, қисми 3 моддаи 286, моддаҳои 322 ва 452 кодекс дар таҳрири нав ифода ёфта, ҷазои маъмурӣ нисбати чунин ҳуқуқвайронкуниҳо пурзӯр гардидааст.

Дар моддаҳои 183, 196 ва 242 пас аз калимаи «буридани» калимаҳои «дарахти тут ва дигар» илова шуда, тибқи он ҷавобгарии маъмурӣ барои буридани дарахти тут пешбинӣ шудааст. Ҳамзамон, дар ном ва диспозитсияи моддаҳои 224 ва 225 калимаҳои «атроф» ва «муҳит» мувофиқан ба калимаҳои «зист» ва «атмосфера» иваз гардидаанд.

Моддаи 231 кодекси амалкунанда дар таҳрири нав ифода ёфта, такмил дода шудааст.

Ба кодекси амалкунанда моддаи 249[1] илова гардид, ки он ҳуқуқвайронкунии маъмуриро барои поймол намудани тутзор, несту нобуд кардани баргҳои расида ё ҷамъоваришудаи дарахтони тут, осеб расонидан ба дарахти тут пешбинӣ ва ҷавобгариро барои ин кирдор муқаррар менамояд. Дар иртибот ба ин, аз диспозитсияи қисми 1 моддаи 249 калима ва аломати «тутзор,» хориҷ шудааст.

Тибқи тағйиру илова ба моддаи 286 дар номи он калимаҳои «нақлиёти роҳи оҳан» ба калимаи «нақлиёт» иваз шуда, ба диспозитсияи қисми 3 баъд аз калимаи «поезд» аломат ва калимаҳои «, аз воситаҳои нақлиёти автомобилӣ» илова гардидаанд, ки бо ин васила минбаъд барои аз воситаҳои нақлиёти автомобилӣ партофтани партову пасмондаҳо ва дигар ашё, ба андозаи аз нисф то ду нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъин карда мешавад.

Қонун ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон мутобиқ буда, барои баланд бардоштани масъулияти субъектони ҳуқуқвайронкунанда ва пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ дар ин самтҳо мусоидат мекунад. Бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки он ҷонибдорӣ карда шавад.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба муҳокимаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» шурӯъ мекунем. Сухан ба Раҳмон Дилшод дода мешавад. Марҳамат.

**Дилшод РАҲМОН:**

- **Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро 1 октябри соли 2024 Маҷлиси намояндагон қабул кардааст.

Мақсади қонун васеъ намудани ваколати мақоми бехатарии озуқаворӣ буда, дар ин робита ба қисми 1 моддаи 106 кодекси амалкунанда пас аз рақами «249,» рақами «249[1],» илова шудааст. Тибқи он мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи бехатарии озуқаворӣ минбаъд барои баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ оид ба поймол намудани тутзор, несту нобуд кардани баргҳои расида ё ҷамъоваришудаи дарахтони тут ва осеб расонидан ба дарахти тут ваколат пайдо менамояд.

Қонун ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон мутобиқ буда, барои ҳифзи ҳӯрокаи кирмаки пилла, барги дарахтони тут мусоидат менамояд. Хоҳишмандам, ки он ҷонибдорӣ карда шавад.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба муҳокимаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон» оғоз менамоем. Сухан ба Раҳмон Дилшод дода мешавад. Марҳамат.

**Дилшод РАҲМОН:**

- **Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро 1 октябри соли 2024 Маҷлиси намояндагон қабул кардааст.

Мақсади қонуни мазкур такмили меъёри алоҳидаи кодекси амалкунанда дар робита ба Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» аз 22 июни соли 2023, №586 иборат буда, бо ин васила дар қисми 1 моддаи 961 кодекси амалкунанда калимаҳои «бе маҳдудияти маблағ бо пули нақд» мувофиқан ба калимаҳои «бо пули нақд бе маҳдудияти маблағ ё тариқи ғайринақдӣ» иваз шудаанд.

Қонун ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон мутобиқ мебошад. Бо эҳтиром хоҳиш дорам, ки он ҷонибдорӣ карда шавад.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон» шурӯъ менамоем. Сухан ба Раҳмон Дилшод дода мешавад. Марҳамат.

**Дилшод РАҲМОН:**

- **Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз тарафи вакилони Маҷлиси намояндагон пешниҳод гардида, онро 1 октябри соли 2024 Маҷлиси намояндагон қабул кардааст.

Мақсади қонуни мазкур мутобиқ намудани он ба талаботи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳои ҷумҳурӣ ва дар амал татбиқ намудани меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масунияти юридиксионии давлати хориҷӣ ва моликияти он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», инчунин, амалисозии Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти мукаммалсозии қонунгузории мурофиавии мадании Тоҷикистон буда, дар ин робита ба моддаи 225 сархати ҳафтум доир ба масунияти судӣ доштани давлати хориҷӣ меъёр илова шудааст.

Моддаи 390 кодекси амалкунанда дар таҳрири нав ифода ёфта, муносибатҳои вобаста ба масунияти судии ташкилотҳои байналмилалӣ ва масунияти дипломатиро танзим менамояд.

Ҳамчунин, ба кодекси амалкунанда боби 43[1] бо номи «Истеҳсолоти парвандаҳо бо иштироки давлати хориҷӣ» илова гардида, аз дувоздаҳ модда ($397^{1} – 397^{12}$) таркиб ёфтааст. Меъёрҳои ин моддаҳо муносибатҳоро вобаста ба истеҳсолоти парвандаҳо бо иштироки давлати хориҷӣ, тобеияти судии парвандаҳои маданӣ бо иштироки давлати хориҷӣ, ҳуқуқ ва ухдадориҳои мурофиавии давлати хориҷӣ, намояндагӣ, пешниҳод намудани аризаи даъвогӣ, хусусиятҳои андешидани тадбирҳо оид ба таъмини даъво, фиристодан ва супоридани хабарномаҳои судӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои судӣ ба давлати хориҷӣ, хусусияти маҷлиси пешакии судӣ ва қатъ кардани истеҳсолоти парванда, хулосаи мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои дигар ва коршиносон оид ба масъалаҳои татбиқи масунияти юрисдиксионӣ, татбиқи принсипи мутақобила, ҳалномаи ғоибона, имтиёз ва масуниятҳои давлати хориҷӣ дар ҷараёни муҳокимаи судӣ ва тартиби иҷро намудани санадҳои судӣ нисбат ба давлати хориҷӣ танзим менамояд.

Қонун ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон мутобиқ мебошад. Бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» шурӯъ мекунем. Сухан ба Раҳмон Дилшод дода мешавад. Марҳамат.

**Дилшод РАҲМОН:**

- **Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро 1 октябри соли 2024 Маҷлиси намояндагон қабул кардааст.

Мақсади қонуни мазкур истифодаи истилоҳу ибораҳо, бо назардошти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», такмил додани низом ва мушаххас гардонидани ваколати директори мақомот буда, бо ин васила дар тамоми матни қонун калимаҳои «ӯҳдадориҳо», «ӯҳдадориҳоро», «ӯҳдадориҳои», «ӮҲДАДОРИҲОИ», «Ӯҳдадориҳои», «ӯҳдадор», «Ӯҳдадорони», «мӯҳлатҳои», «мӯҳлати», «мӯҳлатнок», «мӯҳлат», «шӯъбаҳои», «шӯъбаҳо» ва «мӯҳр» мувофиқан ба калимаҳои «уҳдадориҳо», «уҳдадориҳоро», «уҳдадориҳои», «УҲДАДОРИҲОИ», «Уҳдадориҳои», «уҳдадор», «Уҳдадорони», «муҳлатҳои», «муҳлати», «муҳлатнок», «муҳлат», «шуъбаҳои», «шуъбаҳо» ва «муҳр» иваз шудаанд.

Ҳамзамон, ба моддаҳои 11, 13, 15 ва 17 тағйирот ворид гардидааст, ки тибқи онҳо калимаҳои «вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва», инчунин, «шӯъбаҳои» мувофиқан ба калимаҳои «вилоят, шаҳри Душанбе ва раёсату» ва калимаҳои «раёсату шуъбаҳои» иваз гардида, ҳамчунин, вазифаи навбатдорони калони оперативӣ оид ба супоришҳои махсус илова шудаанд.

Тибқи тағйирот сархати панҷуми моддаи 13 қонуни амалкунанда дар таҳрири нав ифода гардида, мувофиқи он директори агентӣ сардорони раёсату шуъбаҳои мустақили дастгоҳи марказӣ ва мақомоти маҳаллии агентиро дар мувофиқа бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод менамояд ва кормандони агентиро мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар мувофиқа бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо рутбаҳои махсус то рутбаи полковник ва унвонҳои махсуси дахлдор сарфароз мегардонад.

Қонун ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон мутобиқ мебошад. Бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ кунед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» оғоз менамоем. Сухан ба Раҳмон Дилшод дода мешавад. Марҳамат.

**Дилшод РАҲМОН:**

- **Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро 12 июни соли 2024 Маҷлиси намояндагон қабул кардааст.

Бо мақсади баланд бардоштани ифтихори касбии кормандони соҳаи телевизион бо қонуни мазкур дар сархати бисту панҷуми моддаи 2 қонуни амалкунанда пас аз калимаи «Рӯзи» калима ва аломати «телевизион,» илова шудааст, ки минбаъд 7 май, ҳамчунин, рӯзи касбии кормандони телевизион ҷашн гирифта мешавад.

Қонун ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон мутобиқ мебошад. Бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ кунед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» оғоз менамоем. Сухан ба Раҳмон Дилшод дода мешавад. Марҳамат.

**Дилшод РАҲМОН:**

- **Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» аз тарафи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро 1 октябри соли 2024 Маҷлиси намояндагон қабул кардааст.

Қонун бо мақсади ҷашнгирии Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряхҳо, ки бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Созмони Милали Муттаҳид тариқи қабули қатъномаи махсуси Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид расман эълон гардид, қабул шудааст ва тибқи иловаи сархати чордаҳум ба моддаи 2-юми қонуни амалкунанда минбаъд 21 март – Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряхҳо ҳамчун ид муайян гардидааст.

Қонун ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон мутобиқ мебошад. Бинобар ин, бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ кунед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» оғоз менамоем. Сухан ба Раҳмон Дилшод дода мешавад. Марҳамат.

**Дилшод РАҲМОН:**

- **Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» аз тарафи Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ пешниҳод гардида, онро 9 октябри соли 2024 Маҷлиси намояндагон қабул кардааст.

Қонун бо мақсади ҷашнгирии Рӯзи ҷаҳонии футбол, ки бо ташаббус ва пешниҳоди Президенти Ассотсиатсияи футболи Осиёи Марказӣ (CAFA), Президенти Федератсияи футболи Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид тариқи қабули қатънома расман эълон гардид, қабул шудааст ва тибқи иловаи сархати сию якум ба моддаи 2 қонуни амалкунанда, минбаъд 25 май – Рӯзи ҷаҳонии футбол ҳамчун ид муайян гардидааст.

Қонун ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон мутобиқ буда, бахри пешбурди тарзи ҳаёти солим дар ҷомеа, рушд ва оммавигардонии футбол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд. Аз ин рӯ, бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ кунед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ғалла ва маҳсулоти коркарди он» шурӯъ мекунем. Сухан ба раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, шуғли аҳолӣ ва экология Саид Давлаталӣ дода мешавад. Марҳамат.

**Давлаталӣ САИД:**



- **Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ғалла ва маҳсулоти коркарди он» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби вакилони Маҷлиси намояндагон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 12 июни соли 2024 қабул намудааст.

Қонуни мазкур бо мақсади мутобиқ гардондани меъёрҳои қонуни амалкунанда ба талаботи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», «Дар бораи карантин ва муҳофизати растаниҳо», «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи бехатарии маҳсулоти хуроквории» таҳия ва қабул гардидааст. Дар ин асос, ба моддаи 1-уми қонуни амалкунанда сархати шонздаҳум илова гардидааст, ки бозори ғалла ҳамчун низоми яклухти ташаккул ва тақсимоти доимии захираҳои ғалла, маҳсулоти коркарди аввалия ва минбаъдаи он, ҳамкории истеҳсолкунандагону истеъмолкунандагонро оид ба муайян намудани ҳаҷм ва сохтори истеҳсолот, инчунин, сифат ва нархи маҳсулотро ба танзим медарорад. Ҳамзамон, ба қисми 1 моддаи 7 сархатҳои сеюм ва чорум илова карда шудаанд, ки мутобиқи онҳо нархи фурӯши ғалла ва маҳсулоти коркарди он бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шуда, барои амалӣ намудани фаъолият дар муомилоти ғалла ва маҳсулоти коркарди он бо шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ шартномаҳо имзо мешавад.

Инчунин, мутобиқи сархати чоруми қисми 2 ҳамин модда барои гузарондани сертификатсияи сифати ғалла ва маҳсулоти коркарди он маълумоти эътимоднок ва пурра пешниҳод гардид. Илова бар ин, ба қонуни мазкур як қатор тағйиру иловаҳои дахлдор ворид карда шудаанд, ки онҳо хусусияти муайянкунанда, мутобиққунанда ва таҳририӣ доранд.

Қонун ба Конститутсия, дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, мутобиқ буда, аз шумо - муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ хоҳишмандем онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ғалла ва маҳсулоти коркарди он» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба муҳокимаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилооти экологӣ» оғоз менамоем. Сухан ба Саид Давлаталӣ дода мешавад. Марҳамат.

**Давлаталӣ САИД:**

- **Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилооти экологӣ» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби як гӯруҳ вакилони Маҷлиси намояндагон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 12 июни соли 2024 қабул намудааст.

Қонуни мазкур бо мақсади мутобиқ гардондани меъёрҳои қонуни амалкунанда ба талаботи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия ва қабул гардидааст. Вобаста ба ин, дар моддаи 1 мафҳуми «иттилооти экологӣ» дар таҳрири нав пешбинӣ гардида, ба қисми 3 моддаи 5 сархати ёздаҳум бо мазмуни «амалӣ намудани фаъолият вобаста ба додани ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта» илова гардида, қисми 4 моддаи мазкур хориҷ шудааст.

Мутобиқ ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар матни қонун бо мақсади бартараф намудани мухолифат дар истифодаи ибораю таркибҳои норавшан ва вожаҳои ҳаммаъно бо назардошти риояи услуби расмии забони адабӣ ва имлои забони тоҷикӣ тағйироти дахлдор пешбинӣ шудааст.

Ҳамчунин, ҷиҳати бо як маъно ва мантиқан дуруст ифода намудани мафҳумҳои дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ истифодашаванда сархати якуми моддаи 1, аз сархати ҳаштуми ҳамин модда ва қисми 1 моддаи 12 калимаҳои «дар шабакаи умумиҷаҳонии иттилоотӣ», инчунин, аз сархати дуюми қисми 3 моддаи 8 калимаҳои «партовҳои гандаобҳо» хориҷ ва дар тамоми матни қонун калимаи «хосаи» ба калимаи «махсуси» иваз шудаанд.

Қонун ба Конститутсия, дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ буда, аз шумо - муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ хоҳишмандем онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилооти экологӣ» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба муҳокимаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мониторинги экологӣ» шурӯъ мекунем. Сухан ба Саид Давлаталӣ дода мешавад. Марҳамат.

**Давлаталӣ САИД:**

- **Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мониторинги экологӣ» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби вакилони Маҷлиси намояндагон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 1 октябри соли 2024 қабул намудааст.

Қонуни мазкур бо мақсади таҳкими заминаи ҳуқуқии пешбурди мониторинги экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, баланд бардоштани масъулияти субъектҳои мониторинги экологӣ ва баланд бардоштани сатҳи эътимоднокии маълумотнокӣ оид ба муҳити зист қабул гардидааст. Дар ин замина, сархати ҳафтуми моддаи 1 дар таҳрири нав ифода гардидааст, ки тибқи он низоми мониторинги экологӣ - маҷмӯи сохторҳои идоракунӣ, иқтидор ва воситаҳо, захираҳои иттилоотии мақомоти давлатӣ, ташкилотҳо ва субъектҳои дигари мониторинг мебошанд, ки ба ваколатҳои онҳо ҳалли масъалаҳои ташкил ва гузаронидани мониторинги экологӣ дохил мешавад. Инчунин, ба моддаи 6 қисми 2 илова гардидааст, ки тибқи он зерсистемаҳои Системаи ягонаи давлатии мониторинги экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шудаанд. Ҳамзамон, ба моддаи 10 қисми 1 илова гардидааст, ки мутобиқи он минбаъд мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба ташкил ва гузаронидани мониторинги экологӣ маҳсуб меёбад.

Қонун ба Конститутсия, дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ буда, аз шумо - муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ хоҳишмандем онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мониторинги экологӣ»ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба муҳокимаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти обуҳавошиносӣ» шурӯъ мекунем. Сухан ба Саид Давлаталӣ дода мешавад. Марҳамат.

**Давлаталӣ САИД:**

- **Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти обуҳавошиносӣ» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби узви Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 1 октябри соли 2024 қабул намудааст.

Қонуни мазкур бо мақсади бартараф намудани мухолифати ҷойдошта ва мутобиқ намудани меъёрҳои он ба дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардидааст.

Барои бо як маъно ва мантиқан дуруст ифода намудани мафҳумҳои дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ истифодашаванда дар тамоми матни қонун баъзе калимаҳо иваз шуданд. Ҳамзамон, матни моддаи 2 дар таҳрири нав ифода гардида, дар сархати шашуми моддаи 3, сархати чоруми моддаи 6, сархати дуюми моддаи 8, сархати дуюми моддаи 10, ном ва матни моддаи 10[1], ном ва матни моддаи 18 низ калимаҳои марбута иваз шуданд. Инчунин, аз сархати сеюми моддаи 10 аломат ва калимаи «(литсензия)» хориҷ ва дар матни моддаи 11 тағйироти дахлдор ворид карда шудааст, ки тибқи он минбаъд иҷозатномадиҳӣ ба фаъолияти обуҳавошиносӣ тибқи муқарраротӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» амалӣ мешавад.

Бо мақсади мутобиқ намудан ба муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пиряхҳо» дар қисми якуми моддаи 12, қисми якуми моддаи 15, сархати сеюми қисми якум ва қисми сеюми моддаи 19 Қонуни амалкунанда тағйироти дахлдор ворид шудаанд. Илова бар ин, моддаҳои 25 ва 26 қонуни амалкунанда дар таҳрири нав ифода шудаанд.

Қонун ба Конститутсия, дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ буда, аз шумо - муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ хоҳишмандем онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти обуҳавошиносӣ» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба муҳокимаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» оғоз менамоем. Сухан ба Саид Давлаталӣ дода мешавад. Марҳамат.

**Давлаталӣ САИД:**

- **Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 9 октябри соли 2024 қабул намудааст.

Мақсад аз қабули қонуни мазкур тақвияти назорати давлатӣ дар бахши муомилот бо партовҳо, кабудизоркунӣ ва тозаю озода нигоҳ доштани роҳҳо мебошад.

Дар ин робита, ба моддаи 9 сархати даҳум бо мазмуни зерин илова карда шудааст, ки тибқи он ба ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист муайян кардани тартиб ва андозаи ҷуброни зарар барои ифлос кардани муҳити зист бо партовҳо, барои зиёда аз меъёр партофтани моддаҳои ифлоскунанда ба ҳавои атмосфера, об, инчунин, буридани худсаронаи дарахту буттаҳо дар маҳаллаҳои аҳолинишин, заминҳои таъиноти кишоварзӣ, ҳифзи табиат ва захираҳои давлатӣ (ба ғайр аз боғҳои хоҷагидорӣ ва қитъаҳои заминҳои наздиҳавлигӣ) дохил мешавад. Ҳамзамон, сархати ҳаждаҳуми ҳамин модда дар таҳрири нав ифода карда шудааст, ки тибқи он додани иҷозатномаҳо, ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ, анҷом додани амалҳои тасдиқ ва мувофиқасозӣ, қабули огоҳиномаҳо барои пешбурди фаъолиятҳо ва амалҳои дигар дар соҳаи ҳифзи муҳити зист бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист амалӣ мешавад.

Мутобиқ ба талаботи сархати сеюми ба қисми 2 моддаи 10 иловашаванда ташкил намудани нуқтаҳои муваққатии ҷамъоварии партовҳо дар ҳудуди маҳалҳои аҳолинишин, бунёди партовгоҳҳо барои ҷойгирсозӣ ва безараргардонии онҳо бо мақсади ҳифзи объектҳои муҳити зист аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ амалӣ карда мешавад. Инчунин, бо мақсади мушаххас сохтани субъектони ҳифзи муҳити зист ва ҷавобгарии онҳо дар назди қонун матни моддаи 77-уми қонуни амалкунанда дар таҳрири нав оварда шудааст.

Қонун ба Конститутсия, дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ буда, аз шумо - муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ хоҳишмандем онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба муҳокимаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аудити экологӣ» оғоз менамоем. Сухан ба Саид Давлаталӣ дода мешавад. Марҳамат.

**Давлаталӣ САИД:**

- **Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аудити экологӣ» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби узви Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 9 октябри соли 2024 қабул намудааст.

Қонуни мазкур бо мақсади мутобиқгардонии қонуни амалкунанда ба талаботи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», инчунин бартараф намудани ихтилофот ва номутобиқатии меъёрҳои танзимкунандаи муносибатҳои соҳа таҳия ва пешниҳод шудааст. Дар ин замина, ба қисми 1 моддаи 3 сархати чорум илова гардидааст, ки он ба арзёбии таъсири фаъолияти субъекти хоҷагидорӣ ба муҳити зист, самаранокии низоми идоракунӣ ва амалисозии чорабиниҳои ҳифзи табиат равона гардидааст. Ҳамзамон, матни моддаи 8 дар таҳрири нав ифода гардидааст, ки мутобиқи он иҷозатномадиҳӣ ба фаъолияти аудитории экологӣ тибқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» амалӣ мешавад. Илова бар ин, ба қонун моддаи нави 17[1] илова шудааст, ки тибқи он баҳсҳо дар соҳаи аудити экологӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳал мешаванд.

Қонун ба Конститутсия, дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ буда, аз шумо - муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ хоҳишмандем онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аудити экологӣ» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба муҳокимаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи экологӣ» оғоз менамоем. Сухан ба Саид Давлаталӣ дода мешавад. Марҳамат.

**Давлаталӣ САИД:**

- **Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи экологӣ» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби вакилони Маҷлиси намояндагон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 9 октябри соли 2024 қабул намудааст.

(Давомаш дар саҳ. 6)

# НОМИ ЯКЧАНД МАҲАЛИ АҲОЛИНИШИН ДАР ВМКБ ВА ХАТЛОН ИВАЗ ШУД

**(Идома аз саҳ. 5)**

Қонуни мазкур бо мақсади мутобиқ гардондани меъёрҳои қонуни амалкунанда ба талаботи Конститутсия ва қонунгузории ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардидааст.

Барои бо як маъно ва мантиқан дуруст ифода намудани мафҳумҳои дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ истифодашаванда дар сархати даҳуми моддаи 1 калимаҳои «мақомоти» ва «шахсони мансабдори мақомоти давлатии барои гузаронидани экспертизаи давлатии экологӣ масъул» мувофиқан ба калимаҳои «мақоми» ва «кормандони масъули мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи экспертизаи экологӣ» иваз шудаанд. Ҳамзамон, бо мақсади мутобиқ сохтан ба тағйиру иловаҳои ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 22 майи соли 2016 воридгардида аз матни моддаи 2 калимаи «(Сарқонуни)» хориҷ ва дар моддаи 18, қисмҳои 1, 3 ва 4 моддаи 19 калимаи «маҳаллии» ба калимаҳои «иҷроияи маҳаллии» иваз шудааст. Ҳамчунин, дар сархати якуми қисми 1 моддаи 6 калимаҳои «ташкили таҳия ва иҷрои барномаҳои давлатӣ» ба калимаҳои «қабули барномаҳои давлатӣ ва нақшаҳои амал» иваз ва ба қисми 2 моддаи 6 сархати дуюм бо мазмуни зерин илова шудааст: «- таҳия ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани барномаҳои давлатӣ ва нақшаҳои амал дар соҳаи экспертизаи экологӣ ва таъмини иҷрои онҳо».

Дар қисми 3 моддаи 20 ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист дар ташкил ва гузаронидани экспертизаи экологӣ мушаххас муқаррар шудаанд.

Барои мувофиқ намудани меъёрҳои қонуни амалкунанда ба муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» моддаи $24^1$. Ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи экспертизаи экологӣ» илова шудааст. Илова бар ин, ба як қатор моддаҳои қонуни мазкур иловаҳои дахлдор ворид карда шудааст, ки хусусияти мутобиққунанда, муайянкунанда ва таҳрирӣ доранд.

Қонун ба Конститутсия, дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ буда, хоҳишмандем онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи экологӣ» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба муҳокимаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кумакҳои унвонии иҷтимоӣ» шурӯъ мекунем. Сухан ба раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, ҳифзи сиҳатӣ, илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонону занон Гулзода Маҳмадшоҳ дода мешавад. Марҳамат.

**Маҳмадшоҳ ГУЛЗОДА:**



- **Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кумакҳои унвонии иҷтимоӣ» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 12 июни соли 2024 қабул намудааст.

Мақсади ворид намудани тағйиру илова ба қонуни амалкунанда аз такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, мутобиқ намудани меъёрҳои он ба талаботи дигар санадҳои қонунгузорӣ иборат мебошад.

Тағйиру иловаҳои пешбининамудаи қисмҳои 1-6 қонуни мазкур хусусияти муайянкунанда, мутобиққунанда ва таҳрирӣ дошта, бо мақсади бартараф намудани мухолифату норасоиҳои ҷойдошта, истифодаи истилоҳу ибораҳо бо назардошти услуби ягона ва мутобиқгардонии меъёрҳои моддаҳои зикргардида ба талаботи дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ равона шудаанд.

Дар ин замина сархати якуми моддаи 1 дар таҳрири нав ифода гардидааст, ки дар он мафҳуми кумакҳои унвонии иҷтимоӣ мушаххас карда шудааст, ҳамзамон, ба моддаи 10 қисми 3 илова гардид, ки тибқи он ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои гирифтани кумакҳои унвонии иҷтимоӣ аз тарафи мақоми ваколатдори давлатӣ таҳия, тасдиқ ва нашр мегарданд.

Тибқи тағйироти воридгардида ба моддаҳои 11 ва 13 қонуни амалкунанда минбаъд тартиби гирифтани кумакҳои пулӣ ва моддӣ инчунин, ба ҳисоб гирифтани дигар индикаторҳо барои муайян намудани сатҳи некуаҳволии шаҳрвандон (оилаҳо)-и камбизоатро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

Қонун ба Конститутсия, дигар қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон мутобиқ буда, аз аъзои Маҷлиси миллӣ бо эҳтиром хоҳиш менамоем, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кумакҳои унвонии иҷтимоӣ» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи собиқадорон» шурӯъ мекунем. Сухан ба Гулзода Маҳмадшоҳ дода мешавад. Марҳамат.

**Маҳмадшоҳ ГУЛЗОДА:**

- **Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи собиқадорон» аз тарафи аъзои Маҷлиси миллӣ пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 12 июни соли 2024 қабул кардааст.

Тағйиру иловаҳо ба қонуни мазкур бо мақсади такмил ва мутобиқ гардондани он ба муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадориҳои ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мукофотҳои давлатӣ» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» пешниҳод гардидааст. Бо ин мақсад дар якчанд моддаҳои қонуни амалкунанда баъзе калимаву ибораҳо иваз, илова ва ё хориҷ шудаанд, ки бештар хусусияти муайянкунанда, мутобиққунанда ва таҳририро доранд. Ҳамзамон, ба қисми дуюми моддаи 13, ки категорияҳои собиқадоронро пешбинӣ менамояд, сархати чорум бо мазмуни зерин:

«-собиқадорони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ» илова гардида, иловаҳои мавриди назар дар моддаҳои 19 ва 20 тартиби додани унвони собиқадорони хизмати ҳарбӣ ва собиқадорони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муайян намудааст.

Қонуни мазкур ба талаботи техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ мувофиқ буда, аз аъзои Маҷлиси миллӣ бо эҳтиром хоҳиш менамоем, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи собиқадорон» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» шурӯъ мекунем. Сухан ба Гулзода Маҳмадшоҳ дода мешавад. Марҳамат.

**Маҳмадшоҳ ГУЛЗОДА:**

- **Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» аз тарафи як гурӯҳ вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 19 июни соли 2024 қабул кардааст.

Қонуни мазкур бо мақсади мукаммал гардонидани қонунгузории соҳаи сайёҳӣ ва танзими меъёрию ҳуқуқии фаъолият дар ин соҳа пешниҳод гардидааст.

Бо ин мақсад ба 13 моддаи қонуни мазкур тағйиру иловаҳо ворид гардида, моддаи $33^1$ илова шудааст, ки хусусияти мутобиққунанда, танзимкунанда муайянкунанда ва таҳрирӣ доранд.

Тағйиру иловаҳои мавриди назар ба моддаҳои 1, 5, 6, 7, 8, 14, 16, 27, 28, 29, 34 барои муайян намудани хизматрасониҳои сайёҳӣ, ҳамоҳангсозии субъектони соҳаи сайёҳӣ бо мақомоти ваколатдори давлатӣ, амалӣ намудани назорати давлатӣ ва танзим ҳуқуқии фаъолият дар соҳаи сайёҳӣ, танзими ҳуқуқии фаъолияти операторҳо ва агентҳои сайёҳӣ ҷиҳати ҳамоҳангсозии фаъолияти онҳо бо субъектони соҳаи сайёҳӣ ва мақомоти ваколатдори давлатӣ равона гардидааст.

Илова бар ин, бо мақсади мукаммал намудани қонуни амалкунанда моддаи $33^1$ илова гардидааст, ки дар он меъёрҳо вобаста ба фаъолияти кластерҳои сайёҳӣ ҷиҳати омода, паҳнкунӣ ва фурӯши бастаҳои сайёҳӣ, пешниҳоди хизматрасониҳои маҷмӯии сайёҳӣ, баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва сифати хизматрасонии сайёҳӣ пешбинӣ гардидааст.

Қонуни пешниҳодгардида ба талаботи техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ мувофиқ буда, аз аъзои Маҷлиси миллӣ бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» оғоз менамоем. Сухан ба Гулзода Маҳмадшоҳ дода мешавад. Марҳамат.

**Маҳмадшоҳ ГУЛЗОДА:**

- **Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 1 октябри соли 2024 қабул намудааст.

Қонуни мазкур бо мақсади такмили қонуни амалкунанда ва мутобиқгардонии он ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», инчунин, мушаххас намудани вазифаҳои субъектҳои пешгирикунандаи зӯроварӣ ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила пешниҳод гардидааст.

Тағйироти пешбининамудаи қисмҳои 1 ва 2 қонуни мазкур хусусияти муайянкунанда, мутобиққунанда ва таҳрирӣ дошта, бо мақсади бартараф намудани мухолифату норасоиҳои ҷойдошта ва истифодаи истилоҳу ибораҳои якхела равона карда шудааст. Илова бар ин, ба моддаи 11, ки ваколатҳои мақомоти корҳои дохилиро оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила муайян менамояд, сархати нав бо мазмуни зерин илова гардидааст:

- «-огоҳсозии комиссияи дахлдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар бораи ҳар як ҳолати зӯроварӣ дар оила, ки кӯдак аз он зарар дидааст».

Қонун ба Конститутсия, дигар қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, аз шумо - муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ» оғоз менамоем. Сухан ба Гулзода Маҳмадшоҳ дода мешавад. Марҳамат.

**Маҳмадшоҳ ГУЛЗОДА:**

- **Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 1 октябри соли 2024 қабул намудааст.

Қонуни мазкур ҷиҳати танзими пардохти кумакпулӣ ҳангоми корношоямии муваққатӣ пешниҳод гардида, бо ин мақсад дар қисми дуюми моддаи 12 қонуни амалкунанда рақамҳои «75» ва «65» мувофиқан ба рақамҳои «70» ва «60» иваз шудааст. Қонун ба талаботи Конститутсия, дигар қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ буда, аз шумо - муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳоҷират» оғоз менамоем. Сухан ба Гулзода Маҳмадшоҳ дода мешавад. Марҳамат.

**Маҳмадшоҳ ГУЛЗОДА:**

- **Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳоҷират» аз тарафи як гурӯҳ аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро 1 октябри соли 2024 Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул кардааст.

Қонуни мазкур бо мақсади такмили қонунгузорӣ дар раванди муҳоҷират ва мутобиқ намудани он ба Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешниҳод гардида, дар якчанд моддаҳои қонуни амалкунанда баъзе калимаву ибораҳо иваз, илова ва ё хориҷ карда шудаанд, ки бештар хусусияти муайянкунанда, мутобиққунанда ва имлоиро доранд. Ҳамзамон, қисми 4 моддаи $8^2$, ки тартиби рафтуомади коргарони муҳоҷирро пешбинӣ менамояд, дар таҳрири нав ифода гардидааст, ки минбаъд дароз кардани мӯҳлати раводид барои рафтуомади кормандони муҳоҷир тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад. Ҳамзамон, муқаддимаи қисми 1 моддаи 21, ки муқарраротро роҷеъ ба асосҳои рад намудани додани иҷозат барои истиқомат ва шаҳодатномаи шахси бешаҳрвандро муайян намудааст, дар таҳрири нав ифода гардидааст. Қонун ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон мутобиқ буда, аз шумо - муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳоҷират» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» шурӯъ мекунем. Сухан ба раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисодиёту коммуникатсия Ҷумъазода Шарифҷон дода мешавад. Марҳамат.

**Шарифҷон ҶУМЪАЗОДА:**

- **Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 12 июни соли 2024 қабул намудааст.



Қонуни мазкур бо мақсади танзими муносибатҳо вобаста ба тартиби ба вазифа таъин намудани шахсони мансабдори мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, тартиби ҷойивазкунӣ ва ба кори дигар гузаронидани онҳо пешниҳод гардидааст.

Ҳамин тариқ, ба қисми 1 моддаи 492 Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйироти дахлдор ворид карда шудааст, ки мутобиқи он минбаъд сардорони раёсатҳои дастгоҳи марказӣ, сардорони раёсатҳои минтақавии гумрукӣ бо розигии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мансаб таъин карда мешаванд.

Инчунин, муовинони сардорони раёсатҳо, сардорони шуъбаҳо, сарнозирон, нозирони калон ва нозирони воҳидҳои сохтории дастгоҳи марказӣ, муовинони сардорони раёсатҳои минтақавии гумрукӣ, сардорони шуъбаҳо, гурӯҳҳо, гумрукҳо, дидбонгоҳҳои гумрукӣ ва муовинони онҳо, сарнозирон, нозирони калон, нозирон ва нозирони хурди раёсатҳои минтақавии гумрукӣ, гумрукҳо ва дидбонгоҳҳои гумрукӣ, инчунин, роҳбарон, сарнозирон, нозирони калон, нозирон ва мутахассисони муассисаҳои гумрукии махсусгардондашуда ва роҳбарони корхонаҳои воҳиди давлатии мақомоти гумрук дар асоси қарордод бо фармоиши роҳбари мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ ба мансаб таъин мешаванд.

Кодекс ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ буда, хоҳишмандем онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он» шурӯъ мекунем. Сухан ба Ҷумъазода Шарифҷон дода мешавад. Марҳамат.

**Шарифҷон ҶУМЪАЗОДА:**

- **Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он» аз ҷониби вакилони Маҷлиси намояндагон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 29 майи соли 2024 қабул намудааст.

Қонуни мазкур бо мақсади такмили меъёрҳои қонуни амалкунанда, истифодаи дурусти истилоҳоти ҷавобгӯи талаботи муосир, инчунин, бартараф намудани номутобиқатии байниҳамдигарии меъёрҳои танзимкунандаи муносибатҳои соҳа равона гардидааст. Тибқи тағйироту илова истилоҳоти дар матни қонун истифодашаванда бо мақсади ифодаи якхела ба талаботи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ва «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо назардошти қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ мутобиқ карда шудаанд. Ҳамин тариқ, дар қисми 2 моддаи 23 калимаи «доимонигоҳдошташаванда» ба калимаҳои «нигоҳдориашон бемуҳлат (доимӣ)» иваз карда шудааст, яъне ҳуҷҷатҳои бақайдгирии молу мулки ғайриманқул – ҳуҷҷатҳои нигоҳдориашон бемуҳлат (доимӣ) мебошанд. Илова бар ин, дар сархати чоруми моддаи 44, сархати дуюми моддаи 45 ва сархати шашуми моддаи 54 калимаҳои «вайрон ё нобудсозии», «вайрон ё нобудсозии (кӯчонидани)» ва «нобуд шудан ё вайрон кардани» мувофиқан ба калимаҳои «вайрон ё нобуд шудани (вайрон кардани)» иваз шудаанд.

Қонун ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ буда, хоҳишмандем онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи мутақобила» оғоз менамоем. Сухан ба Ҷумъазода Шарифҷон дода мешавад. Марҳамат.

**Шарифҷон ҶУМЪАЗОДА:**

- **Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи мутақобила» аз ҷониби вакилони Маҷлиси намояндагон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 29 майи соли 2024 қабул намудааст.

Қонун бо мақсади рушди фаъолияти суғуртавӣ ва бозори суғурта дар кишвар, танзиму назорати возеҳи фаъолияти суғуртавӣ равона гардидааст. Дар ин замина, ба моддаи 1 сархати сеюм бо мазмуни зерин илова гардидааст, ки мутобиқи он минбаъд Бонки миллии Тоҷикистон вазифаҳои танзиму назоратро дар соҳаи фаъолияти суғуртавӣ анҷом медиҳад. Ҳамзамон, ба қонун моддаи $21^1$ илова гардидааст, ки тибқи он шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи қонуни мазкур бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд. Илова бар ин, ба як қатор моддаҳои қонуни амалкунанда тағйироту иловаҳои дахлдор ворид карда шудаанд, ки онҳо хусусияти муайянкунанда, мутобиққунанда ва таҳрирӣ доранд.

Қонун ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ буда, хоҳишмандем онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи мутақобила» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)» оғоз менамоем. Сухан ба Ҷумъазода Шарифҷон дода мешавад. Марҳамат.

**Шарифҷон ҶУМЪАЗОДА:**

- **Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)» аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 9 октябри соли 2024 қабул намудааст.

Қонун бо мақсади танзими асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, иқтисодии иҷораи молиявӣ ва ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии субъектҳои лизинг дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардидааст. Дар робита ба ин, муқаддимаи қонун ва матни моддаи 1 (доираи амали қонуни мазкур) таҳрир ва муайян гардидааст. Инчунин, бо мақсади мувофиқ намудан ба талаботи Кодекси мадании кишвар мафҳуми лизингир дар сархати дуюми моддаи 5 ва истилоҳи сублизинг дар моддаҳои 6 ва 9 қонун такмил дода шудаанд. Ҳамзамон, ба як қатор моддаҳои қонуни амалкунанда, аз ҷумла сархати якуми моддаи 7, қисми дуюми моддаи 8, қисми чоруми моддаи 15, матни моддаи 20, қисмҳои якум ва дуюми моддаи 24 қонуни амалкунанда тағйироту иловаҳои дахлдор ворид карда шудаанд, ки онҳо хусусияти муайянкунанда, мутобиққунанда ва таҳрирӣ доранд.

Қонун ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ буда, хоҳишмандем онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи алоқаи фелдегерӣ» шурӯъ мекунем. Сухан ба Ҷумъазода Шарифҷон дода мешавад. Марҳамат.

**Шарифҷон ҶУМЪАЗОДА:**

- **Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи алоқаи фелдегерӣ» аз ҷониби вакилони Маҷлиси намояндагон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 9 октябри соли 2024 қабул намудааст.

Қонун бо мақсади мутобиқ намудани меъёрҳои қонуни амалкунанда ба муқаррароти қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», «Дар бораи забони давлатӣ», бартараф намудани мухолифату норасоиҳои дохилимеъёрӣ ва риояи қоидаҳои имло равона карда шудаанд. Дар ин замина, барои бартараф намудани мухолифату норасоиҳои ҷойдоштаи меъёрӣ меъёрҳои сархатҳои чорум ва шашуми моддаи 2, сархати ҳафтуми моддаи 6, сархатҳои дуюм ва чоруми моддаи 7, қисми 1 моддаи 8 ва матни моддаи 16 мавриди таҳрир қарор дода шудаанд. Инчунин, бо мақсади мутобиқ сохтан ба тағйиру иловаҳои ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 22 майи соли 2016 воридгардида аз матни моддаи 3 калимаи «(Сарқонуни)» хориҷ шудааст. Ҳамзамон, бо мақсади ба танзим даровардани фаъолияти рӯзмарраи Хадамоти фелдегерӣ дар дастрас гардонидани ҳуҷҷатҳои техникӣ, бор ва намунаҳои маснуоти саноатӣ дар дохил ва хориҷи кишвар бо риояи талаботи техникаи қонунэҷоднамоӣ сархати панҷуми моддаи 2, сархати дуюми қисми якуми моддаи 4, сархати сеюми моддаи 6, матни моддаи 9, қисми чоруми моддаи 13, қисмҳои якум ва дуюми моддаи 14 ва сархати якуми қисми якуми моддаи 15 қонун таҳрир шудаанд.

Қонун ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ буда, хоҳишмандем онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи алоқаи фелдегерӣ» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» шурӯъ мекунем. Сухан ба раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси миллӣ бо Маҷлиси намояндагон, ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва робитаҳои байнипарламентӣ Раҳимӣ Фарҳод дода мешавад. Марҳамат.

**Фарҳод РАҲИМӢ:**

- **Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» бо тартиби истифодаи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.Гулзода, М.Умарализода, Л.Одилбекова ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон К.Исмоилиён ва М.Ахмедов пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 19 июни соли 2024 қабул намудааст.



Мақсади қабул намудани қонуни мазкур мутобиқ намудани меъёрҳои он ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», аз байн бардоштани ихтилофоти қонунгузорӣ, инчунин, мутобиқ намудани он ба талаботи имлои забони тоҷикӣ мебошад. Дар қисмҳои дуюм ва сеюми моддаи 1 калимаҳои «Қонун» ва «Ҳамин Қонун» ба калимаи «Қонуни мазкур», дар сархати панҷуми қисми якуми моддаи 7 ва матни қонун калимаҳои «ӯҳдадориҳои», «ӯҳдадоранд», «ӮҲДАДОРИҲОИ», «ӯҳдадор», «Ӯҳдадориҳои», «мӯҳлати» ва «Мӯҳлати» мувофиқан ба калимаҳои «уҳдадориҳои», «уҳдадоранд», «УҲДАДОРИҲОИ», «уҳдадор», «Уҳдадориҳои», «муҳлати» ва «Муҳлати» иваз шудаанд. Ҳамзамон, дар қисми дуюми моддаи 7, қисми якуми моддаи 17, дар матни моддаи 25 ва қисми якуми моддаи 26 баъзе калимаҳо иваз гардидаанд, ки бештар хусусияти муайянкунанда, мутобиққунанда ва таҳрирӣ доранд. Инчунин, ба қисми ҳаштуми моддаи 5, ки меъёрҳоро роҷеъ ба талаботи умумии реклама дар бар мегирад, пас аз калимаҳои «метавонанд ба» калимаҳои «ҳаёт ва» илова гардидаанд.

Қонун ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ буда, аз шумо - муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ хоҳишмандам онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии «Пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ба категорияи деҳа мансуб донистани баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияҳои Дарвоз ва Шуғнон, иваз намудани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияҳои Дарвоз, Шуғнон ва Рошткалъаи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон» оғоз менамоем. Сухан ба Раҳимӣ Фарҳод дода мешавад. Марҳамат.

**Фарҳод РАҲИМӢ:**

- **Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси миллӣ бо Маҷлиси намояндагон, ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва робитаҳои байнипарламентӣ «Пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ба категорияи деҳа мансуб донистани баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияҳои Дарвоз ва Шуғнон, иваз намудани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияҳои Дарвоз, Шуғнон ва Рошткалъаи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон»-ро мавриди баррасӣ қарор дод.

Бо пешниҳоди мазкури Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳоди Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар бораи ба категорияи деҳа мансуб донистан ва номгузорӣ намудани маҳали аҳолинишини Дашти Паткуноби деҳоти Қалъаихумби ноҳияи Дарвоз ба деҳаи Сомониён ва маҳалҳои аҳолинишини Себзор, Деҳбаста, Саидхомӯшиён ва Кулеви деҳоти Навободи ноҳияи Шуғнон мувофиқан ба деҳаҳои Себзор, Деҳбаста, Саидхомӯшиён ва Кулев, инчунин, иваз намудани номи деҳаи Ҷелондеҳи деҳоти Ванқалъаи ноҳияи Шуғнон ба деҳаи Оби Гарм, деҳаи Лесхози деҳоти Барвози ноҳияи Рошткалъа ба деҳаи Лоҷвард ва деҳаҳои Бутанокурғану Қарақуруми деҳоти Сежд ба деҳаҳои Ҷавшангозу Сиёвушгирд ҷонибдорӣ шудааст.

Зарурати ба категорияи деҳа мансуб донистан ва иваз намудани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияҳои Дарвоз, Шуғнон ва Рошткалъаи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, пеш аз ҳама, риояи ва мутобиқатнамоӣ ба талаботи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти маъмурию ҳудудии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» буда, маводи зарурӣ тибқи номгӯи ҳуҷҷатҳо оид ба ҳалли масъалаҳои сохти маъмурию ҳудудӣ аз ҷониби Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон пешниҳод шудаанд. Аз ин лиҳоз, пешниҳоди мазкурро қобили дастгирӣ ҳисобида, аз шумо - муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ хоҳишмандам онро ҷонибдорӣ намоед.

**(Давомаш дар саҳ. 7)**

**Чоруми ноябри соли 2024 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи навбатии Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**



# ҶАЛАСАИ ШУРОИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОН

Дар он масъалаҳо «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи собиқадорон», «Дар хусуси Созишнома оид ба пешниҳод намудани гранти Фонди авруосиёии мӯътадилгардонӣ ва рушд барои маблағгузории лоиҳаи «Вусъат додани татбиқи принсипҳои буҷети барномавӣ» байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки авруосиёии рушд», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ассотсиатсияи истифодабарандагони об», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи берун баровардан ва ворид намудани сарватҳои таърихию фарҳангӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тухмипарварӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ченаки ягона», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти ноширӣ ва полиграфӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи алоқаи почта», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи алоқаи барқӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ» ва «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи савдои электронӣ» мавриди баррасӣ қарор гирифта, ба ҷаласаи навбатии Иҷлосияи шашуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум пешниҳод гардид.

Масъалаҳо «Дар бораи лоиҳаи Барномаи қарзгирии берунаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025 ва дурнамои нишондиҳандаҳои он барои солҳои 2026-2027», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025» ва дурнамои нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ барои солҳои 2026-2027», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» ва «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти аудиторӣ» барои додани хулоса ба кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон пешниҳод шуданд.

Шурои Маҷлиси намояндагон, ҳамчунин, «Дар бораи даъват кардани ҷаласаи навбатии Иҷлосияи шашуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» ва «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи ҷаласаи навбатии Иҷлосияи шашуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» қарор қабул кард.

**«Садои мардум»**

# НОМИ ЯКЧАНД МАҲАЛИ АҲОЛИНИШИН ДАР ВМКБ ВА ХАТЛОН ИВАЗ ШУД

**(Идома аз саҳ. 6)**

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ба категорияи деҳа мансуб донистани баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияҳои Дарвоз ва Шуғнон, иваз намудани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияҳои Дарвоз, Шуғнон ва Роштқалъаи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии «Пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иваз намудани номи баъзе воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ ва маҳалҳои аҳолинишини шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон» оғоз менамоем. Сухан ба Раҳимӣ Фарҳод дода мешавад. Марҳамат.

**Фарҳод РАҲИМӢ:**

- **Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси миллӣ бо Маҷлиси намояндагон, ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва робитаҳои байнипарламентӣ «Пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иваз намудани номи баъзе воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ ва маҳалҳои аҳолинишини шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон»-ро мавриди баррасӣ қарор дод.

Бо пешниҳоди мазкури Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳоди Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлон оид ба иваз намудани номи баъзе воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ ва маҳалҳои аҳолинишини шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон ҷонибдорӣ шудааст. Зарурати иваз намудани номи баъзе воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ ва маҳалҳои аҳолинишини шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон риоя ва мутобиқатнамоӣ ба талаботи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти маъмурию ҳудудии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» буда, маводи зарурӣ тибқи номгӯи ҳуҷҷатҳо оид ба ҳалли масъалаҳои сохти маъмурию ҳудудӣ аз ҷониби Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлон пешниҳод шудаанд. Пешниҳоди мазкурро қобили дастгирӣ ҳисобида, аз шумо - муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ хоҳишмандам онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба «Пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иваз намудани номи баъзе воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ ва маҳалҳои аҳолинишини шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судяи Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Мирзозода Н. М.» шурӯъ менамоем. Сухан ба Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ - Намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Зариф Ализода дода мешавад. Марҳамат.



**Зариф АЛИЗОДА** пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро қироат мекунад:

- Мутобиқи банди 8 моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судяи Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Мирзозода Н. М.» ирсол мегардад.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судяи Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Мирзозода Н. М.» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Тибқи талаботи банди 103 Дастури Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон котиботи иҷлосия оид ба рафти кори иҷлосия, муроҷиатҳо ва ҳуҷҷатҳои ба унвони Иҷлосияи Маҷлиси миллӣ воридшуда маълумот манзур менамояд. Доир ба ин масъала сухан ба раиси котибот Мақсудалӣ Умарализода дода мешавад. Марҳамат.

**Мақсудалӣ УМАРАЛИЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Унвонии Иҷлосияи нуздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум муроҷиат, ариза, дархост ворид нашудааст.

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Масъалаҳои рӯзномаи Иҷлосияи нуздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум баррасӣ шуда, нисбат ба онҳо қарорҳои дахлдор қабул гардиданд.

Доир ба рафти иҷлосия таклифу пешниҳодҳо бошанд, марҳамат, иброз намоед. Нест.

**Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Шашуми ноябр мардуми сарбаланди тоҷик 30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҷлил менамояд.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон санади сарнавиштсоз ва бахтномаи миллат буда, дастоварди бузурги мардуми Тоҷикистон дар замони соҳибистиқлолӣ маҳсуб меёбад.

Зарурати таҳия ва қабули Конститутсияи муосири мо замоне ба миён омад, ки кишварамонро буҳрони шадиди сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоӣ фаро гирифта буд.

Боиси ифтихор аст, ки мардуми шарифи тоҷик зери сиёсати созандаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сарҷамъ гардида, бо қабули ин санади муҳиму тақдирсоз, ки ифодагари манфиатҳои олии миллат ва давлат мебошад, бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоиро ҳамчун мароми асосии худ муайян намуд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо изҳори бунёди ҷомеаи навин ва сохти давлатдории зикршуда бо қадамҳои боэътимод ба арсаи муносибатҳои байналмилалӣ ворид гардида, дар ин масир устуворона роҳи худро идома медиҳад.

Бо дарки ин масъулият мо чанде пеш Конференсияи байналмилалии байнипарламентиро бахшида ба 30-солагии қабули Конститутсияи мамлакат бо иштироки роҳбарони парламентҳои 10 кишвари ҷаҳон доир кардем. Дар сатҳи баланди ташкилӣ баргузор гардидани ин ҳамоиш мавқеъ ва нуфузи Тоҷикистони соҳибихтиёрамонро дар минтақа ва ҷаҳон боз ҳам афзун гардонид.

Дар ин зимн, ба истифода додани бинои нави Парламенти Тоҷикистон далели рушду таҳкими парламентаризм дар кишвар аст.

Бинобар ин, ҳар яки моро зарур аст, ки Конститутсияро бо эҳсоси баланди ватандориву ватандӯстӣ бояд азизу муқаддас донем ва ин муҳаббатро, беш аз ҳама, дар зеҳну шуури насли наврас ҷо кунем.

Ҳамаи шуморо ба ифтихори 30-юмин солгарди Рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон самимона табрик гуфта, ба шумо ва ба ҳар як хонадони мамлакат саломативу хушбахтӣ ва ба Тоҷикистони азизамонояндаи дурахшонро орзу менамоям.

Бо ҳамин Иҷлосияи нуздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашумро пӯшида эълон менамоям.

(*Суруди Миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон садо медиҳад)*

**«Садои мардум».**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

# БАХТНОМАИ МИЛЛАТ ВА ДУРНАМОИ ДАВЛАТ






**АЛАМШОЗОДА Абдураҳмон Аламшо,**
**муовини якуми вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**генерал-лейтенанти милитсия**

**Баъд аз барҳам хӯрдани сохти давлатдории шуравӣ ва аз байн рафтани робитаҳои дипломатӣ миёни ҷумҳуриҳои собиқ шуравӣ фишангҳои давлатдорӣ дар аксар кишварҳо фалаҷ гардида, боиси ноором҃ӣ, бесарусомонӣ ва ҷангу муноқишаҳои дохилӣ шуданд. Он ҳалқаҳои занҷире, ки ҷумҳуриҳои собиқ шуравиро бо ҳам пайваста, муносибатҳои ҷамъиятиро танзим менамуд, гусаста ва онҳо пароканда гардиданд. Дурнамои ин кишварҳо маълум набуд, ки онҳо кадом сохт ва шакли идораи давлатдориро бояд интихоб намоянд.**

Беҳокимиятӣ, бесалоҳиятии сохторҳои давлатӣ ва набудани қонунҳои амалкунанда мушкилоти зиёдро пешорӯи сокинони ҷумҳуриҳои собиқ шуравӣ овард. Қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда, ки барои як давлати абарқудрат таҳия гардида буданд, дигар ба муносибатҳои ҳуқуқии ҷумҳуриҳои собиқ шуравӣ, ки ҳар яке забон, урфу одат ва дину оини худро доштанд, мутобиқат намекарданд.

Мутаассифона, дар Тоҷикистони соҳибистиқлол то қабули Конститутсияи нав меъёрҳои кӯҳнашудаи Конститутсияи Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон, ки дар асоси Конститутсияи Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистии соли 1977 қабул гардида буд, амал менамуд ва он на танҳо ба фазои сиёсӣ ва ҳуқуқии Тоҷикистони мустақил ва соҳибихтиёр халал ворид менамуд, балки монеаи рушди институтҳои демократия дар кишвари мо гардид. Бинобар ин, дар ин давра зарурати таҳияи қонунҳои ҷавобгӯи замон, пеш аз ҳама, қабули Конститутсияи нави кишвар, ки мебоист фарогири тамоми соҳаҳо ва самтҳои ҳаёти ҷомеа бошанд, ба миён омад. Дар чунин даврае, ки нобасомонӣ, ҷангу муноқишаҳои дохилӣ ва фалаҷшавии фаъолияти сохторҳои давлатӣ кишварро фаро гирифта буд, қабули ин санади тақдирсоз ногузир буд.

Қабули Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол дар ибтидои солҳои ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ ба муҳит ва шароите рост омад, ки хатари аз байн рафтани давлату миллат ба кишвар таҳдид менамуд. Аммо новобаста аз монеа, мушкилиҳои пешомада ва парокандагӣ бо иқдому ташаббус ва роҳнамоии Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гурӯҳи корӣ аз ҳисоби олимон, ҳуқуқшиносони варзида, намояндагони илму фарҳанг, шоирону нависандагон, ҳамзамон, табақаҳои гуногуни ҷомеа созмон дода шуда, онҳо ба таҳияи ин ҳуҷҷати таърихӣ машғул гардиданд. Зимни суҳбат бо Шоири халқии Тоҷикистон Аскар Ҳаким вобаста ба фаъолияти гурӯҳи корӣ дар ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта андешаҳои худро дар ҷараёни таҳия ва баҳс дар бобати Конститутсия иброз намуд, ки таҳти роҳбарии Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон беҳтарин мутахассисон барои таҳияи Конститутсия ҷалб шуданд. Қабл аз ҳама, аз тарафи гурӯҳи корӣ конститутсияҳои як қатор кишварҳои мутараққии ҷаҳон мавриди омӯзиш ва баҳрабардорӣ қарор гирифтанд ва бартарӣ доштани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар он зоҳир мегардад, ки зимни таҳияи он таҷрибаи пешқадами давлатҳои хориҷӣ ба эътибор гирифта шудааст.

Дар ҷараёни таҳияи Конститутсия аз ҷумла, муайян намудани шакли идораи Ҷумҳурии Тоҷикистон, баҳсу мунозира ва гуногунфикрӣ зиёд буд. Гурӯҳе ҷонибдори ҷумҳурии парламентӣ ва гурӯҳи дигар афзалиятнокии шакли идораи президентиро пешниҳод карданд. Конститутсия, ки ҳамчун қонуни асосӣ ва сарнавиштсоз барои давлату миллат ба шумор мерафт, бо назардошти вазъи душвору шароити номуътадил ва мушкилоти вақт шакли идораи президентӣ бештар мувофиқ буд ва ҳангоми раъйдиҳӣ низ он овози бештар гирифт.

Дар идомаи суҳбат Шоири халқии Тоҷикистон Аскар Ҳаким таъкид намуд, ки дар Конститутсияи даврони шуравӣ зикр гардида буд, ки дилхоҳ кишвар ҳуқуқ дорад ба ҳайати ИҶШС дохил ва аз он хориҷ гардад, вале дар асл чунин набуд, тамоми масъалаҳо тавассути марказ ҳаллу фасл мегардид. Номбурда, ҳамзамон, илова кард, ки дар сиёсати хориҷӣ, робитаҳои иқтисодӣ ва фарҳангӣ низ ҷумҳуриҳои собиқ шуравӣ ҳуқуқ надоштанд бо давлатҳои хориҷӣ муносибат барқарор кунанд ва он танҳо аз марказ идора карда мешуд.

Яке аз рукнҳои давлати соҳибистиқлол ин доштани Артиши миллӣ мебошад, вале Ҷумҳурии Тоҷикистон Қувваҳои Мусаллаҳи худро надошт ва бо шарофати истиқлол Тоҷикистон соҳиби Артиши миллӣ гардид.

Бояд қайд намуд, ки бо талошу роҳнамоии Сарвари давлат ва ранҷу заҳмати олимону ҳуқуқдонҳо ва коршиносон ниҳоят санаи 6 ноябри соли 1994 бо иштироки дастҷамъонаи сокинони мамлакат ва раъйпурсии умумӣ ин ҳуҷҷати сарнавиштсоз аз ҷониби мардуми тамаддунсози тоҷик бо дарки масъулияти бузург якдилона қабул шуд.

Бо мурури замон бо назардошти дигаргуниҳои сиёсиву иҷтимоӣ, пешрафту шукуфоӣ ва тағйирот дар сохтори давлатию ҷамъиятӣ зарурати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсия ба миён омад. Санаҳои 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 ба тариқи раъйпурсии умумӣ ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд. Бояд қайд намуд, ки тағйиру иловаҳо ба Конститутсия ба рушду тараққиёти минбаъдаи раванди демократикунонии ҳаёти ҷомеа, таъмини некуаҳволӣ ва зиндагии шоиста, ҳамзамон, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва кафолати онҳо мусоидат намуд. Аз ин ҷост, ки ҳамасола дар сартосари кишварамон Рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо тантанаву шукӯҳи зиёд ва як ҷаҳон фараҳу шодмонӣ таҷлил менамоянд.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омили муҳими муттаҳидшавӣ, ҳифзи ризояти шаҳрвандӣ, сулҳу субот, ваҳдату ягонагӣ ва дарки худшиносии сокинони кишвар гардид.

Дар чунин шароити тақдирсозу сарнавиштсоз қабули Конститутсияро метавон дастоварди бузурги миллӣ номид. Зеро дар даврае, ки вазъи ҷамъиятию сиёсӣ дар мамлакат ниҳоят мураккабу вазнин буд, таҳияи чунин санади муҳиму тақдирсоз вақти мусоид, шароити мувофиқ ва фазои оромро талаб менамуд. Вале, ба ноҷурӣ ва мушкилиҳо нигоҳ накарда, баъд аз таҳияи чунин қонуни мукаммал аз ҷониби гурӯҳи корӣ ва қабули ин ҳуҷҷати сарнавиштсоз аз тарафи сокинони мамлакат, дар асоси он тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа дар доираи арзишҳои миллию давлатӣ ва қонунгузории мамлакат рушду инкишоф ёфта, имрӯз Тоҷикистон дар радифи давлатҳои мутараққии дунё дар ҷомеаи демократию ҳуқуқбунёд қадамҳои устувор мегузорад. Дар суханронӣ бахшида ба солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қабули ин ҳуҷҷати муҳиму сарнавиштсозро яке аз дастовардҳои бузурги давлат ва миллати соҳибтамаддуни тоҷик арзёбӣ карданд ва ба он ҳамчун танзимкунандаи масъалаҳои ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ баҳои баланд доданд. «Қабули Конститутсия дар таърихи навини кишвари мо аз ҷумлаи рӯйдодҳои муҳимтарини сиёсие мебошад, ки арзиш ва аҳамияти он бо гузашти замон бештар мегардад»,- таъкид намуданд Пешвои миллат.

Қайд кардан бамаврид аст, ки бо истифода аз ин санади муқаддас ва тақдирсоз, ки ҳамчун шаҳодатномаи давлат шинохта шудааст, тамоми сохторҳои ҳокимияти давлатӣ фаъолияти худро самаранок пеш мебаранд.

Конститутсия ба сифати қонуни асосӣ заминаҳои ҳуқуқии давлатдорӣ, дахлнопазирӣ ва якпорчагии кишвар, манфиати миллӣ, ҳадафҳои сиёсати дохиливу хориҷӣ ва асосҳои иқтисодиву иҷтимоии ҷомеаи Тоҷикистонро муайян намуд. Конститутсияи кишвар Тоҷикистонро ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун давлати мустақили дорои низоми мукаммали сиёсиву ҳуқуқӣ муаррифӣ кард, ки дар он инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ арзиши олӣ буда, барои шароити зиндагии арзанда ба ҳар шахс заминаҳои устувори иҷтимоиву иқтисодӣ гузошта шудаанд.

Дарвоқеъ, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки санади олии ҳуқуқӣ мебошад, аз ҷониби коршиносон ва намояндагони кишварҳо ва созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ баҳои баланд гирифта, яке аз панҷ конститутсияи беҳтарини давлатҳои узви Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо эътироф шудааст.

Тоҷикистон дар баробари расидан ба ҳадафҳои миллии худ, алалхусус Истиқлоли давлатӣ, барои шинохти ҳуқуқу озодиҳои инсон, арзишҳои олӣ ва муқаддасоти давлатдорӣ бо тарзу равиши тоза назар карда, беҳтарин арзишҳо ва ормонҳоро, ки ба манфиати аҳолии мамлакат равона гардидааст, ҳифз менамояд. Конститутсия барои аз байн бурдани хатаре, ки ба Истиқлоли давлатӣ таҳдид мекард, шароити зарурии ҳуқуқӣ муҳайё карда, барои аз нобудӣ наҷот додани давлати тозаистиқлоли тоҷикон ва аз парокандагӣ раҳо бахшидани миллати тоҷик асос гузошт, ҷиҳати расидан ба ваҳдати миллӣ таҳкурсии устувор гардид ва дар он марҳалаи ҳассоси таърихӣ барои гузоштани асосҳои аркони давлатдории тоҷикон нақши тақдирсозу ҳалкунанда бозид.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи ормонҳои миллӣ, ҳадафҳои созандаву бунёдкорона, беҳбудӣ ва некуаҳволии рӯзгори мардум, ҳамзамон, ҳифзи манфиати сокинони кишварамон бино ёфтааст. Ин санади тақдирсоз эътибори баланди ҳуқуқӣ дошта, арзиши олӣ ва муқаддасоти миллату давлат ба ҳисоб меравад. Дар он ҳуқуқу вазифаҳои инсон аз ҷониби давлат эътироф ва кафолат дода шуда, дар моддаи 5-уми он омадааст, ки «Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои он арзиши олӣ мебошанд. Ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд».

Конститутсия аҳолии Тоҷикистони тозаистиқлолро ба сӯйи музаффарият ва комёбиҳои нав ба нав раҳнамоӣ карда, ормонҳои деринтизори миллати тоҷикро амалӣ менамояд. Дар муддати беш аз 33 соли даврони Истиқлоли давлатӣ ва 30 соли қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти сиёсати созандаву бунёдкорона ва хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ, ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ, иқтисодӣ, саноату кишоварзӣ, иҷтимоӣ, фарҳангу варзиш аҳолии мамлакат ба дастовардҳои беназир ноил гардид. Дар ин муддат Ҷумҳурии Тоҷикистон робитаҳои дипломатӣ ва мутақобилан судманди худро бо як қатор давлатҳои ҷаҳон, ташкилоту созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ба роҳ монда, дар заминаи ҳамкориҳои сиёсию иқтисодӣ дар як муддати кӯтоҳ ба рушду тараққиёти тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа расид, ки ҳамаи ин пешрафту шукуфоӣ маҳз дар натиҷаи талошу кӯшишҳо, ранҷу заҳмати шабонарӯзӣ ва дастгирию роҳнамоии фарзанди фарзонаи миллати тоҷик муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон моро муяссар шуд.

Воқеан, фароҳам омадани шароити мусоид, суботу оромӣ, таъмини сартосарии сулҳу ваҳдати миллӣ, муттаҳидию ягонагӣ дар миёни сокинони минтақаҳои Тоҷикистон барои таъмини муносибатҳои дохилӣ ва самаранокии ҳамкориҳои байналмилалӣ барои дурнамои кишварамон заминаи боэътимод гузошт, ки аз рисолати таърихии ин санади олии мамлакат - Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма мегирад. Конститутсия кафили сулҳ, якпорчагӣ, муттаҳидию ягонагӣ, ваҳдати миллӣ, пойдории арзишҳои миллату давлат, таҷассумгари давлату давлатдории тоҷикон, фарҳангу тамаддуни бостонӣ, расму оин ва анъанаҳои миллии тоҷикон мебошад.

Бо такя ба суханҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон: «Конститусия ҳамчун дастоварди бузурги мардуми Тоҷикистон заминаҳои ҳуқуқии эъмори давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявии тоҷиконро фароҳам оварда, шакли ифодаи ҳуқуқи давлатдории миллӣ, ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва ҳифзи ҳуқуқи ҳар як шаҳрванди мамлакат мебошад», мавқеъ, бартарият ва аҳамияти ин ҳуҷҷати муҳими давлатӣ ва таърихӣ дар он зоҳир мегардад, ки он бори нахуст аз ҷониби сокинони Тоҷикистон бо майлу ирода ва раъйпурсии умумӣ қабул гардидааст.

Солҳои охир вазъи сиёсию ҷамъиятӣ дар ҷаҳон дигаргун гардида, дар ин раванд муносибатҳои ҳуқуқӣ низ таҳаввул ёфта истодаанд. Бо дарназардошти тағйирот ва дигаргуниҳо нақш ва мавқеи Конститутсия ҳамчун ҳуҷҷати танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ боз ҳам бештар ва қавӣ мегардад. Ҳаводиси муосири дунё ҳар як инсони ватанхоҳу ватандор ва ҳар як кишвари соҳибистиқлолро водор месозад, ки озодию оромӣ, сулҳу ваҳдат, амнияту суботи сиёсӣ, волоияти қонунро, ки аз Конститутсия сарчашма гирифта, барои пойдории истиқлол ва давлати миллӣ мусоидат мекунанд, ҳифз намоянд ва оромию осоиштагии ҷомеа ва ҳаёти инсонро дар рӯйи олам ҳамчун волотарин арзиш эътироф намоянд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми табрикӣ бахшида ба Рӯзи Конститутсия 11 ноябри соли 2023 иброз намуданд, ки: «Конститутсия маҳсули андешаи бунёдии миллии халқи Тоҷикистон мебошад, зеро маҳз бо иродаи мардуми кишвар дар вазъияти барои давлату ҷомеа ниҳоят мураккабу ҳассоси таърихӣ якдилона қабул гардида, дар побарҷойии давлат ва низоми идоракунии он нақши ҳалкунанда бозид».

Аз ин рӯ, метавон хулоса кард, ки Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳамчун сарчашмаи қонунгузории мамлакат ва заминаи асосии рушди муносибатҳои ҳуқуқӣ дар таҳкими рукнҳои давлатдории навини тоҷикон, яъне бунёди давлати демокративу дунявӣ, соҳибихтиёр, ҳуқуқбунёд ва ягона, мавқеи устувор дорад.

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасониҳои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзуи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 425756 | Муассисаи давлатии «Идораи сохтмони асосӣ»-и ноҳияи Темурмалик | Сохтмони беморхонаи № 2 деҳоти С.Раҳимови ноҳияи Темурмалик (идомаи корҳои сохтмонӣ), (шинонидани тирезаҳо ва витражҳо) | Хариди мустақим | Кор | 1 | 07.11.2024 15:25:00 |
| 2 | 425758 | Муассисаи давлатии «Идораи сохтмони асосӣ»-и ноҳияи Исфара | Азнавсозии бинои якуми беморхонаи марказии шаҳри Исфара (идомаи корҳои сохтмонӣ), (корҳои пардозӣ дар ошёнаҳои якум ва дуюм) | Хариди мустақим | Кор | 1 | 07.11.2024 15:50:00 |
| 3 | 425759 | Муассисаи давлатии «Идораи сохтмони асосӣ»-и ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ | Сохтмони шуъбаи кӯдакона барои 50 кат дар БМН-и ноҳияи Мир Саид Алии Ҳамадонӣ (идомаи корҳои сохтмонӣ), (чидани деворҳо аз хишт ва болор) | Хариди мустақим | Кор | 1 | 07.11.2024 16:20:00 |
| 4 | 425760 | Муассисаи давлатии «Идораи сохтмони асосӣ»-и ноҳияи Балҷувон | Сохтмони маркази байналхалқии реабилитатсионӣ барои 150 ҷой дар ноҳияи Балҷувон (идомаи корҳои сохтмонӣ) корҳои пардозӣ | Хариди мустақим | Кор | 1 | 07.11.2024 16:50:00 |
| 5 | 425762 | Муассисаи давлатии «Идораи сохтмони асосӣ»-и ноҳияи Лахш | Сохтмони дидбонгоҳи сарҳадии Чашма дар деҳаи Карамиқи ноҳияи Лахш (идомаи корҳои сохтмонӣ), (рехтани таҳкурсии деворҳои иҳотакунанда) | Хариди мустақим | Кор | 1 | 07.11.2024 17:20:00 |
| 6 | 425782 | КВД «Сохтмони асосии назди Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Рӯдакӣ | Идомаи сохтмони бинои муассисаи таҳсилоти томактабӣ дар ҳудуди муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №2-и ноҳияи Рӯдакӣ | Озмуни кушод | Кор | 1 | 15.11.2024 14:25:00 |
| 7 | 425749 | Муассисаи давлатии «Беморхонаи клиникии шаҳрии бемориҳои сироятӣ»-и шаҳри Душанбе | Хӯроквориӣ | Озмуни кушод | Мол | 22 | 25.11.2024 15:30:00 |
| 8 | 425763 | Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Мебел, таҷҳизоти офисӣ, курсиҳои корӣ ва таҷҳизоти садо барои толори конфронс | Озмуни кушод | Мол | 20 | 25.11.2024 16:10:06 |
| 9 | 425764 | Муассисаи давлатии коммуналӣ ва чароғонкунию ороиши шаҳри Бохтар | Баннерҳои ранга | Озмуни кушод | Мол | 1 | 25.11.2024 16:25:30 |
| 10 | 425767 | Муассисаи давлатии «Маркази тиббии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» | Таҷҳизоти тиббӣ | Озмуни кушод | Мол | 29 | 26.11.2024 09:10:00 |
| 11 | 425768 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансур | Равғанҳои молиданӣ, равғанҳои мотор, сӯзишвории дизелӣ ва битум | Озмуни кушод | Мол | 4 | 26.11.2024 09:20:45 |
| 12 | 425766 | Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллии Тоҷикистон» | Хизматрасонии ба чоп расонидани штрих-кодҳои худчасп барои китобҳо бо навиштаҷоти «Китобхонаи миллии Тоҷикистон» барои Китобхонаи миллии Тоҷикистон шумора - 900000 коғази ламинатдори дурахшон (тобнок) 300гр, коғази часпанда-ширеши силиконӣ тобовар ба чоп кардан дар ҳарорати 300С, чопи ранга дар принтерҳои махсус термопринтерҳо, андозаи 120х297м$^2$, коғази А4 (дар як дона коғази А4 40 дона нишони штрих-код ҷойгир мешавад), андозаи як нишони штрих-код (50х25м$^2$) | Озмуни кушод | Хизмат-расонӣ | 1 | 26.11.2024 09:30:00 |
| 13 | 425770 | Муассисаи давлатии дастаи футболи «Клуби марказии варзишии артиш» | Азнавсозии варзишгоҳи «Клуби марказии варзишии артиш», Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (корҳои лоиҳавӣ) | Озмуни кушод | Хиз-матра-сонӣ | 1 | 26.11.2024 10:00:00 |
| 14 | 425771 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансур | Ниҳоли гулҳо, дарахтони ороишӣ, нуриҳои минералӣ, заҳрхимикатҳо, тухми алафи ҳамешасабз ва поруи органикӣ | Озмуни кушод | Мол | 22 | 26.11.2024 10:05:15 |
| 15 | 425772 | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Ҷ. Балхӣ | Бензини АИ-92 | Озмуни кушод | Мол | 1 | 26.11.2024 10:20:05 |
| 16 | 425774 | Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав | Кашидани хати қубури канализатсияи беруна ва оби нӯшокии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав барои сохтмони бинои 7-ошёнаи хобгоҳ барои 460 нафар донишҷӯ | Озмуни кушод | Кор | 1 | 26.11.2024 10:30:05 |
| 17 | 425769 | Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббии Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон дар ноҳияи Данғара» | Ангишт | Озмуни кушод | Мол | 1 | 26.11.2024 10:39:54 |
| 18 | 425773 | Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи оташнишонӣ-техникии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Данғара» | Чойнаки чойҷӯшонӣ | Озмуни кушод | Мол | 2 | 26.11.2024 11:22:31 |
| 19 | 425776 | Беморхонаи бачагонаи шаҳри Конибодом | Ангишт | Озмуни кушод | Мол | 1 | 26.11.2024 11:31:31 |
| 20 | 425777 | Корхонаи давлатии коммуналии «Идораи сохтмони асосӣ»-и шаҳри Хуҷанд | Азнавсозии бинои шуъбаи раёсати Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд шаҳри Хуҷанд (корҳои пардозӣ) | Озмуни кушод | Кор | 1 | 26.11.2024 11:31:31 |
| 21 | 425778 | Муассисаи давлатии «Раёсати оромгоҳҳо»-и Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе | Либоси махсус | Озмуни кушод | Мол | 1 | 26.11.2024 11:50:00 |
| 22 | 425775 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ-кӯдакистони №27»-и шаҳри Хуҷанд | Хӯроквориӣ | Озмуни кушод | Мол | 10 | 26.11.2024 12:00:35 |
| 23 | 425779 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ-кӯдакистони №31»-и шаҳри Хуҷанд | Хӯроквориӣ | Озмуни кушод | Мол | 9 | 26.11.2024 12:01:35 |
| 24 | 425780 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ-кӯдакистони №36» | Хӯроквориӣ | Озмуни кушод | Мол | 10 | 26.11.2024 12:02:35 |
| 25 | 425781 | Бахши ҳифзи муҳити зисти ноҳияи Мастчоҳ | Гулҳо ва дарахтҳо | Озмуни кушод | Мол | 19 | 26.11.2024 13:22:22 |
| 26 | 425783 | Раёсати Хадамоти давлатии оташнишонии вилояти Суғд | Таъмири намои берунии Раёсати Хадамоти давлатии оташнишонии вилояти Суғд (ҳаҷм 550 м$^2$) | Озмуни кушод | Кор | 1 | 26.11.2024 14:46:46 |
| 27 | 425784 | Раёсати Хадамоти давлатии оташнишонии вилояти Суғд | Таъмири ҳуҷраҳои ошёнаи 3-юми Раёсати Хадамоти давлатии оташнишонии вилояти Суғд | Озмуни кушод | Кор | 1 | 26.11.2024 14:49:49 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак барои бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, бояд супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои КВД БА ҶТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ - 22.**

Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.


## ТАНАКСОЛ - БАРОИ ИХРОҶШАВИИ ЛЯМБЛИЙ




Мол дорои сертификат аст

**Ширкати илмию истеҳсолии Россия воситаи нодиреро бо номи ТАНАКСОЛ коркард намудааст, ки он аз ҷамъи гиёҳҳо (пижма, полын, тысячелистник, девясил) иборат буда, ҳангоми бемориҳои паразитиву сироятии ЛЯМБЛИОЗ, АМЁБИОЗ, АСКАРИДОЗ, ЭНТЕРОБИОЗ ва бемории ҶИГАР истифода бурда мешавад.**

**Тарзи истифодабарӣ: кӯдакони аз 1-сола 1/6 қошуқча, аз 2 то 7-сола 1/3 қошуқча, аз 7 то 12-сола 2/3 қошуқча, аз 12-сола боло аз 1 то 2 қошуқча рӯзе 3 маротиба, 20-30 дақиқа пас аз хӯрок. Давомнокӣ: аз 7 то 14 рӯз, барои калонсолон то 30 рӯз.**

АЗ ДОРУХОНАҲО ПУРСОН ШАВЕД!

## РАВШАНИИ ЧАШМОНИ ШУМО!

**Кӯдакатонро камбинои азият медиҳад ё синну солатон гузаштаву хирашавии чашмонатон шуморо ғамгин сохтааст?**

**«Флавигран очанка»** барои бемориҳои гуногуни чашм, аз ҷумла шамолхӯрдагӣ, катаракта, глаукома, миопия (наздикбинӣ ва дурбинӣ), ҳамчунин захми қарнияи чашм ва ҳифз кардани он аз таъсири омилҳои беруна муфид буда, барои таъмин ва муътадил нигоҳ доштани рагҳои хунгарди чашм мусоидат мекунад.

**Таркиби дору:** муруди ҷангалӣ, зайтун, хуч, марҷумак, афшураи лимӯ ва сабзӣ. Истеҳсол - Федератсияи Россия.

**Тарзи истеъмол:** 1 қошуқча аз дору гирифта, дар 100 мг об омехта карда, рӯзе 3 маротиба муддати як моҳ нӯшед. Баъд аз 6 моҳ дубора ин табобатро гирифтан мумкин аст.




**АЗ ДОРУХОНАҲО ПУРСОН ШАВЕД.**

**Телефон барои тамос:** +992 000 400071


## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Дипломи гумшудаи силсилаи ДМБ №0206123, ки онро Донишгоҳи миллии Тоҷикистон соли 2021 таҳти қайди 2155 бо ихтисоси «Гидрогеология ва геологияи муҳандисӣ, касби муҳандис-геолог» ба Қосимов Саддам Суҳробович додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи гумшудаи силсилаи ДТК №0299895, ки онро Коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ соли 2024 ба Қиматзода Рухшона Зафархон додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшуда барои ҳуқуқи амалӣ намудани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ки онро Нозироти андоз дар шаҳри Роғун 23 июни соли 2020 ба Исломов Ҷамшед Хуршедович (РЯМ 0630023213, РМА 516093016) додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшуда барои ҳуқуқи амалӣ намудани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ки онро Нозироти андоз дар шаҳри Роғун 3 феврали соли 2022 ба Нурализода Беҳрӯзи Қурбоналӣ (РЯМ 0630024936, РМА 065121672) додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи силсилаи Т-АТА №1383520 дар бораи таҳсилоти умумии асосӣ, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №89-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2022 ба Турсунов Шавкат Фарҳодович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи бӯстонсарой, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи М. Назрибек, хонаи 30, ба Кодиров Ахмад додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшуда дар бораи бақайдгирии давлатӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе 3 июни соли 1997 таҳти №521 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи М. Ванҷӣ, хонаи 62, ба Саъидова Зулайҳо Сафаровна додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтарчаи меҳнатии гумшуда, ки он дар Институти иқтисодиёти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон соли 2009 ба номи Файзалиев Ҷамшед Маҳмадуллоевич ба расмият дароварда шудааст, эътибор надорад.

✓ Созишномаи гумшудаи №12 дар бораи гузашт кардани ҳуқуқи талабот, ки 4 марти соли 2022 байни шаҳрвандон Неъматов Аскарҷон Мирзодавлатович, Сайдалии Файзулло ва ҶСК «Авиценна» оид ба ҳуқуқи ба соҳибмулкӣ қабул намудан ва ба расмият даровардани ҳуқуқи моликият нисбат ба квартираи дар хонаи истиқоматии навбунёдшуда, воқеъ дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Р. Ҷалил, хонаи якҳуҷрадор, блоки Н, ошёнаи 9 ба масоҳати 56, 95 м$^2$ баста шудааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи бинои маъмурии фабрикаи «Бофанда», ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи С. Шерозӣ, бинои 6, ба ҶДММ «Иттиҳодияи истеҳсолии нассоҷии Тоҷик» додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи бинои истеҳсолии фабрикаи «Бофанда», ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи С. Шерозӣ, бинои 6, ба ҶДММ «Иттиҳодияи истеҳсолии нассоҷии Тоҷик» додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи бинои истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Норак 21 феврали соли 2020 таҳти рақами инвентарии 5068 бо суроғаи шаҳри Норак, деҳоти Пулисангин, деҳаи Кибил, кӯчаи Турсунзода, хонаи 6, ба Абдулҳақов Саидмурод додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшуда дар бораи ҳуқуқи моликият, ки онро Идораи нотариалии давлатии шаҳри Норак 22 январи соли 2014 таҳти феҳрасти №1Ш-40 бо суроғаи шаҳри Норак, деҳоти Пулисангин, деҳаи Кибил, кӯчаи Турсунзода, хонаи берақам, ба Абдулҳақов Саидмурод додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти соҳибкори инфиродӣ бо РЯМ 0930160899-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳи Ҳисор ба Хайрализода Барнои Усмон додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродии гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Восеи вилояти Хатлон 9 марти соли 2021 бо РЯМ 1930092093 ба Гадоев Файзулло додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродии гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Восеи вилояти Хатлон 29 январи соли 2021 бо РЯМ 1930091323 ба Нодирзодаи Шерон додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи силсилаи Т-АТУ №0942828, ки онро литсейи равияи табиию риёзии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон соли 2021 ба Насрутдинов Сиёвуш Қиёмиддинович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Маяковский, бинои 31, хонаи 3, ба Ғоибов Зиёвиддин Сафарович додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти гумшуда барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе 21 июли соли 2022 ба Оев Шавкат Давлатович додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи №12/14А-20 «Дар бораи иштироки шарикӣ дар сохтмони бинои маъмурӣ-истиқоматии баландошёна, воқеъ дар шаҳри Душанбе, кӯчаи А. Лоҳутӣ №33-33/1, ки 10 августи соли 2020 байни Раҳимов Шамсулло Фатуллоевич ва ҶДММ «Шаҳри зебои мо» баста шудааст, эътибор надорад.

✓ Патенти гумшуда барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ба Табарзода Шамсиддини Мирзокарим додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи силсилаи АБ № 045988, ки онро мактаб-интернати №1-и шаҳри Душанбе соли 1999 ба Сафарова Шаҳноза Акбаровна додааст, эътибор надорад.

✓ Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон соли 2023 ба Яҳёи Неъматулло додааст, эътибор надорад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ ҶДММ «Суҳробҷон» (РЯМ 3910002159, РМА 390003822), ки онро Нозироти андоз дар шаҳри Леваканд 5 сентябри соли 2022 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ ҶДММ «Шириниҳои Хатича» (РМА 010105215, РЯМ 011023747), ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.


Конститутсия - кафолати ҳуқуқи ҷомеаи демократии ва волоияти қонун

**Садои мардум**

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР Бахтовар КАРИМЗОДА

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Абдухолиқ Мирзоев,*
*Далер Абдулло,*
*Ориф Ёдгоров,*
*Сайфиддин Суннатов,*
*Шариф Атобуллоев,*
*Фарзона Файзалиева,*
*Фарҳунда Абдулҳакимова*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ-16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238-53-71; Сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238-53-56; муовин 238-54-52; котибот 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238-58-91; муҳаррири шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238-58-93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238-52-97; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238-54-57; хабарнигорон дар ВМКБ 93-355-51-03; вилояти Хатлон 919-67-88-78, 985-82-81-97; вилояти Суғд 92-773-28-76; ШНТҶ 000-03-03-80, 918-68-40-17.

**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ маводлибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз чор саҳифа, бо шрифти 14, Times New Roman Tj, интервали 1,5 зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 7 ноябри соли 2024, соати 15:00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 33040 нусха*

Навбатдорони шумора Ӯ. Назар ва Ш. Атобуллоев

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97